# Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборак, Тоҷикистон!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 83-84 (4823-4824) | ЧОРШАНБЕ, 26 ИЮНИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## «МАН БА ШУМО СУЛҲ МЕОРАМ»

### Сухани муҳиме, ки дар вақти зарурӣ, хеле самимӣ ва бо боварӣ гуфта шуд

**Ҳодисаҳое, ки ҳоло дар гӯшаҳои гуногуни дунё рух медиҳанд, махсусан ҷангу хунрезиҳо дар Украина, Шарқи Миёна ва Афғонистони ҳамсояи мо, бори дигар исбот мекунанд, ки тоҷикон 27 сол пеш – 27 июни соли 1997 ба чӣ кори муҳим ва нодире муваффақ гардидаанд.**

Воқеан, дар дунё ҷангу хунрезиҳо кам нестанд, ки ҳатто то ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон идома доштанд ва ҳоло ҳам тамом нашудаанд. Дур наравем, ҳамин Афғонистонро мисол биёрем, 45 сол аст, ки дар он кишвар оромӣ нест. Ҳамчуноне, ки сабабу баҳонаҳо сабабгори ҷанг мегарданд, бояд барои сулҳу оромиш ҳам омили муҳиме пайдо гардад.

Тоҷикистон чунин як омили нодирро дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдо кард. Он кас аз лаҳзаи аввали ба сари қудрат омаданашон бо итминони комил гуфтанд: «Ман ба шумо сулҳ меорам» ва мардум ба ин гуфтаҳо бовар карданд, зеро ин сухани муҳим дар вақти зарурӣ, хеле самимӣ ва бо боварӣ гуфта шуд. Аз ҷониби дигар, ин ҳарфҳоро он замон як сиёсатмадоре гуфт, ки ҳамагӣ чил сол дошт. Азбаски дар рафтору гуфтораш одамон бозингариву найранги сиёсиро надиданд, ба ӯ эътимод карданд.

Раиси тозаинтихоби Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба халқи тоҷик муроҷиат намуда, аз рӯзҳои аввал дар бораи имкониятҳои воқеӣ суҳбат мекарданд, на кадом афсонаҳои амалинашаванда мисли сиёсатмадороне, ки мамлакатро ба ҷанг рӯ ба рӯ карда буданд. Аз ҷумла, дар лаҳзаҳои аввали кор гуфтанд: «То даме ки силоҳро нагузорему сулҳу оромиро дар сарзамини худ барқарор насозем ва ба меҳнати созанда шурӯъ накунем, ҳеҷ гуна кумаку мусоидатҳои кишварҳои дигар вазъияти моро беҳтар карда наметавонад. То охирин гурезаҳои иҷбориро ба Ватан барнагардонам, худро орому осуда ҳис карда наметавонам. Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизамон содиқона меҳнат мекунам».

Аз рӯи ҳисобҳо он вақт 35 723 хона дар натиҷаи ҷанг хароб гардида, аз ин 21740 хона пурра вайрон шуда буд. Дар минтақаҳои ҷангзада қариб ягон иншоот боқӣ намонд - на мактабу беморхона ва на корхонаҳои аз замони шуравӣ боқимонда. Дар маҷмӯъ, зарари ҷангро беш аз 10 миллиард доллари ИМА ҳисоб карда буданд. Аз ҳама мудҳиштар он буд, ки дар натиҷаи ҷанг беш аз 150 000 нафар кушта шуда, ҳазорон нафар занону духтарон бадбахту ҳазорон тифл ятим монданд. Ҳамчунин, зиёда аз як миллион ҳамватани мо маҷбур аз Ватани худ рӯ ба гурез оварданд.

Дар ин ҳолат ҳам Пешвои миллат бо суханони самимона таваҷҷуҳи мардумро ба худ ва ояндаи Ватан ҷалб карда тавонистанд: «Бародарону хоҳарони дур аз Ватан, ба Ватан баргардед. Мо ба шумо кӯҳи тилло ваъда намекунем, аммо як бурида ноне, ки дорем, якҷоя мехӯрем, як коса обе, ки дорем, якҷоя менӯшем. Шуморо хонаатон, заминатон, боғатон, мактабатон ва хешовандону наздиконатон интизор аст».

Баргардонидани ҳамватанони муҳоҷир бе музокирот бо роҳбарони мухолифин имкон надошт. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаи аввали сари кор омаданашон дар



пеши худ роҳҳои расидан ба сулҳу ваҳдатро мақсад гузошта буданд. Дар натиҷа, музокирот бо мухолифин аз моҳи апрели соли 1994 дар пойтахти Россия сар шуд. Он замон шумораи ками одамон ба натиҷаҳои ин гуфтугӯи оғозгардида бовар доштанд. Ба мавзуъ танҳо вақте ҷиддӣ мутаваҷҷеҳ шуданд, ки соле пас Пешвои миллат барои гуфтушунид ба Афғонистони ҷангзада раҳсипор шуданд.

Ҳарчанд, ҳамон тавре шоҳидон нақл мекунанд, аксарият - на аъзои Ҳукумат ва на ҳукуматдорони кишварҳои беруна барои ин сафар маслиҳат намедоданд. Танҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки гуфт: «Ҷони худамро қурбон мекунаму аз роҳ барнамегардам!».

Маҳз ҳамин устувории Пешвои миллат дар мавқеъ ва ақида сабаб гардид, ки 27 июни соли 1997, пас аз 8 даври музокироти ҷонибҳо дар кишварҳои гуногун, ниҳоят Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Аммо масъалаҳои вобаста ба сулҳу салоҳ бо ин тамом намешуд, зеро раванди сулҳсозии Тоҷикистон аз ду давра иборат буд. Аввал, раванди музокироти сулҳ буд, ки аз 5-уми апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 идома ёфт. Дуюм, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, ки аз июли соли 1997 оғоз шуда, мушкилоташ аз даври музокирот ҳам кам набуд. Бо вуҷуди душвориҳои пешомада Комиссияи оштии миллӣ, ҳамон тавре дар низомномааш зикр шуда буд, бояд то интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000 фаъолияташро идома медод. Ҳамин тавр, 31 марти соли 2000 Пешвои муаззами миллат аъзои Комиссияи оштии миллиро қабул карда, ба онҳо миннатдорӣ баён намуданд ва ҳамон рӯз дар хусуси анҷом ёфтани рисолати ин ниҳод Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуд.

Албатта, гуфта наметавонем, ки бо ин мушкилоти асосии вобаста ба сулҳу ваҳдат ба охир расид. Масъалаҳои барқарории сулҳ то чандин соли дигар идома ёфтанд. Аммо муҳим он аст, ки Тоҷикистон таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ба кишвари амн ва рӯ ба рушд табдил ёфта, мардум ба ояндаи дурахшони мамлакат бовар пайдо кард. Ин барои як давлати мустақил омили бисёр муҳим аст.

**Қутбиддин МУМИНЗОДА, судяи Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон**



## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ЯН БОРГ

**26-уми июни соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раисикунандаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, вазири корҳои хориҷиву аврупоӣ ва савдои Ҷумҳурии Малта Ян Боргро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Ҷумҳурии Малта баррасӣ шуд.

- Мо аз рӯзҳои нахустини роҳандозии муносибатҳо бо Созмон омодагии худро барои густариши ҳамкориҳои судманд изҳор карда будем, - таъкид намуданд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо маҷмӯи масоили мубрами минтақавӣ ва глобалӣ, инчунин, тавсеаи муносибатҳои низомиву сиёсӣ ва иқтисодиву муҳити зист дар чорчӯбаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро муҳокима намуданд.

Ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим - гармшавии бесобиқа, обхезӣ, хушксолиҳои пай дар пай, сӯхтор ва дигар офатҳои табиӣ ҳамкории зичу фаъоли кишварҳои иштирокдори Созмон зарур шуморида шуд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо доир ба ҳалли мушкилоти амниятӣ, мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ ва пешгирӣ аз суистифодаи интернет ба мақсади таблиғу ташвиқи тундгароӣ ва ифротгароию зӯроварӣ андешаронӣ намуданд.

Дар мавриди робитаҳои дуҷониба аз сатҳи ҳамкориҳои ҳар ду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид ва Иттиҳоди Аврупо, изҳори қаноатмандӣ шуд.

Роҳҳои густариши робитаҳои Тоҷикистону Малта дар арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла муносибатҳои байнипарлумонӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва гуманитариву фарҳангӣ ҳам аз мавзуъҳои суҳбат буд.

**www.prezident.tj**

**Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

## БАРРАСИИ 804 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Бисту шашуми июни соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон фароҳам шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи агентӣ ва Созишномаи қолабӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба маблағгузории идомаи сохтмони лоти 4-и (иншооти соҳили чап) лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун»**

**2. Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ВЕНА» оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт аз қабати 6$^{в}$-и майдони шарқии Кони ангишти Фон-Яғноби ноҳияи Айнии вилояти Суғд**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум».**

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

## ҶАМЪОМАД БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**25-уми июни соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 27-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ - мактаби бузурги ватандорӣ» ҷамъомади илмӣ баргузор гардид.**

Дар он раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода, вакили Маҷлиси намояндагон Гавҳар Шарофзода ва мудири шуъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагон Муҳаммадато Султонов роҷеъ ба қаҳрамонию корнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сулҳи тоҷикон маъруза карданд.

Зикр шуд, ки шахсияте, ки сулҳи абадӣ овардааст, ба тарғибу ташвиқ эҳтиёҷ надорад. Андешаҳои ӯ, суханонаш кайҳост ба дили мардум роҳ ёфта, кору пайкори созандааш дар таърихи навини давлатдории тоҷик ба ҳайси бунёдгузори давлати соҳибихтиёр, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, таҳиягари пояҳои ҳуқуқии миллат, эҳёкунандаи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динӣ, зиндакунандаи номи қаҳрамонони таърихӣ, ҳомии манфиатҳои миллат ва ҳуқуқу озодиҳои инсон байни мардум маълуму машҳур аст.

Тавре таъкид гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте мебошанд, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули таърихи давлатдории муосири тоҷик ва ҳастии имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки барои эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои шоиста кардаанд.

Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар миллатест, ки ба қадри бузургон, қаҳрамонон ва пешвоёни худ мерасад.

Дар интиҳо таъкид шуд, ки ҳамагон вазифадорем ваҳдати миллиро мисли гавҳараки чашм ҳифз намоем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# ДАР ИН ВАҲДАТОБОДИ НУСРАТБАҲОР



**Агар суол гузорем, ки кафолати пойдории Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон дар чӣ метавонад бошад, бидуни шубҳа, посух чунин аст, ки ин кафолатро танҳо дар ваҳдати миллӣ ва ягонагии халқамон метавон пайдо кард. Агар боз ҳам савол пеш гузорем, ки кафолати пешрафт ва пирӯзиҳои миллии кишварамон дар чист, посух ҳамон хоҳад буд: дар ваҳдати миллӣ ва ягонгии халқи кишварамон.**

Ин ки вожаи ваҳдат вожаест муқаддас, аз маънои он пайдост. Дар ҳама луғатҳои гузаштагони мо ваҳдат маънои ягонагиро дорад ва ин ягонагӣ, пеш аз ҳама, ягонагӣ бо ақли кул, яъне бо ҳама ҳастист, бо табиат, бо замину осмон ва мусаллам аст, ки бе ваҳдату ягонагии тамоми мардум мушкил аст расидан ба он ваҳдати баланде, ки ягонагии инсону ҳастӣ, якдилию ягонагии ҳама зуҳуроти ҳастиро ба вуҷуд овараду ҳамаро фаро гирад.

Дар шароити ҷаҳони пуртазоди имрӯза, ки кафолати осоишу бехатарии инсоният ба дасти ҳаводиси рӯзгор аст, боз ҳам кафолати ҳар халқ ва ҳар кишвар дар ягонагии он халқу он кишвар аст. Танҳо халқе метавонад худро аз ҳама таҳдиду хатарҳо ҳифз кунад, ки ҳамин ягонагӣ, ҳамин ваҳдати миллиро ба даст оварда бошад. Ҳамин зиндагии анқариб сиюпанҷсолаи даврони Истиқлолияти давлатӣ дар Ватан нишон дод, балки халқ ва кишвари моро аз имтиҳоне гузаронд, ки нотифоқиву паркандагии ба дасти душманон таҳмилшуда ба кашвари мо қариб буд, ки беҳтарин дастоварди таърихии мо – Истиқлолияти давлатиро аз байн бубарад. Халқи фозил ва фарзандони заковатманди миллатамон зуд иштибоҳро дарк карда, пайи рафъи он шуданд ва танҳо ваҳдату ягонагӣ, аз як гиребон сар баровардан, барои як армони баланди миллӣ мубориза бурдан миллати моро аз вартаи фалокатҳо раҳо бахшид. Яъне, он чӣ ягонагӣ ва пойдорию пирӯзии миллати моро таъмин карда метавонад, ваҳдати миллии мост. Ваҳдати миллӣ волотарин армони миллии халқи мо бояд бошад. Ва худи таърих, зиндагӣ нишон дод, ки танҳо халқе, кишваре метавонад аз худ ҳимоят кунад, қавию мустаҳкам бошад, ки ба ягонагӣ, яъне, ваҳдати миллӣ расидааст.

Агар мо фаротар равем, мебинем, ки ваҳдат на танҳо кафили зиндагиву пойдории як халқу миллат аст, балки асоси ягонагиву пойдории худи табиат, Замину Кайҳон низ дар ҳамин ваҳдат ва ягонагист.

Дар ин хусус боз ҳам метавон аз бузургони илму адабамон далелҳо овард. Бедил беҳуда нагуфтааст:

**Дар ин ваҳдатободи**
**нусратбаҳор**
**Зи ҳар ҷузв айни гул аст**
**ошкор.**

Бубинед, ин ибораи зебои «ваҳдатободи нусратбаҳор» чӣ қадар бамаврид вазъ ва симои имрӯзи Ватани мо, Тоҷикистони азизи мо, пойтахти Ватанамонро ба тасвир овардааст, ки воқеан, самараи ваҳдати миллӣ ва ягонагии халқу кишварамонро дар он муҷалло мебинем.

Иқбол низ беҳуда нагуфтааст:

**Баргу сози коинот**
**аз ваҳдат аст,**
**Андар ин олам ҳаёт**
**аз ваҳдат аст.**

Яъне, ваҳдату ягонагӣ аст, ки зиндагӣ ва табиат низому тартиб дорад ва зебову диданист.

Инак, баъд аз асрҳо ба вуқӯъ пайвастани ваҳдати миллӣ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷик на танҳо як намунаи амалӣ шудани армонҳои бузургони гузашта, балки гувоҳи он аст, миллати куҳанбунёду хирадпешаи тоҷик бо сарварии Пешвои хирадманди худ тавонистааст таҷрибаи нави сулҳу ваҳдатро эҷод ва амалӣ намояд.

Ваҳдати миллӣ падидаи нодиру навест дар таърихи навини мо, ки омӯзиши он ҳам барои дигарон ва ҳам барои таҳкиму пешрафти ваҳдати худи тоҷикон ба манфиат хоҳад буд. Ин сабақест шоиста дар ҷодаи худшиносии миллӣ барои мо ва ҳам дигарон. Дар асоси ин сабақ метавон бардоштҳое кард, ки чӣ омилҳое метавонанд як халқ, як қавму миллатро ба ваҳдат расонанд. Яке аз чунин омилҳо ҳадафи бузургест, ки миллат дар пешорӯи худ мегузорад. Оре, ҳадафи баланди миллӣ метавонад мардуми як кишварро ба ҳам орад, ба ягонагӣ даъват кунад, зеро танҳо ваҳдату ягонагӣ, аз як гиребон сар баровардан метавонанд барои фатҳи мақсадҳои наҷиб мусоидат намоянд. Дар мавриди халқи мову кишвари мо чунин ҳадафи бузург озодиву истиқлолият ва эҳёи навини миллати мост, ки армони ҳазорсолаашро мақсади ҳастии худ қарор додааст. Дар ин замина иқдомҳои шоиставу мақсадҳои наҷиб, нақшаҳои бузурге, ки аҳамияти созандагӣ доранд, низ метавонанд миллатро ба сарҷамъиву ягонагӣ раҳнамо бошанд. Дар ҳамин таърихи кӯтоҳи истиқлолияти худ мо борҳо шоҳиди аз як гиребон сар баровардани кулли хурду бузурги миллатамон гардидем, хоса вақте аз ҷониби Пешвои миллат даъват барои бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба амал омад. Бунёди НБО «Роғун» бунёди ояндаи мост, ки нақши тақдирсоз барои халқамон дорад.

Аммо ваҳдати миллӣ, ин дастоварди хуҷаста, барои миллати мо ба осонӣ даст надодааст. Мо хуб медонем, чӣ талошҳову ҷоннисориҳое аз ҷониби фарзандони наҷиби миллати мо, хусусан Пешвои миллатамон, ба амал омад, то ба ин дастоварди беназири таърихӣ ноил гардем. Имрӯз бояд андеша кунем, ки чӣ гуна ин дастоварди гаронбаҳои таърихии халқамон - ваҳдати миллиро на танҳо маҳфуз дорем, балки тақвият бахшем, комилу пойдор ва бегазанд гардонем.

Омили аввалине, ки метавонад миллатро ба ҳам орад, ҳадафи бузург ва тақдирсози миллист. Халқҳоро ҳадафҳои бузург ба пирӯзиҳо мерасонад. Барои ин нахуст бояд суол пеши худ гузорем: он чист, ки ваҳдати миллӣ бар он асос меёбад? Чӣ сутунҳое бояд бунёд кард, то тавонанд бори ваҳдати миллиро бардоранд? Ба гумони банда дар ин мавриди чанд омили асосӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Аввалин омиле, ки метавонад миллатеро ба ҳам орад, ҳадафи бузург ва тақдирсоз аст.

Дуюм, ваҳдати миллӣ ҳамон вақт пойдор аст, ки бар адолати иҷтимоӣ асос ёфта бошад. Ин яке аз омилҳои тақдирсози ваҳдат аст, зеро асоси ваҳдат адолат буда, ваҳдат ва ягонагии мардум, пеш аз ҳама, бо адолат қавист.

Сеюм, бе худшиносии баланди миллӣ, ифтихори миллӣ, шинохти ҳувияти миллӣ, дарки расолати миллӣ ба даст овардани ваҳдати миллӣ номумкин аст.

Чорум, таҳкими қонуният дар кишвар, иҷрои бечунучаро ва роҳ надодан ба беадолатиҳо дар иҷрои он. Табиист, ки қонун, ягонагӣ ва мувозинат дар ҷомеа асоси бунёди ҳар бино, аз ҷумла бинои ваҳдат, аст. Беҳуда нест, ки имрӯзҳо дар кишвари мо маърифати шинохти қонун ва риояи он амалӣ мешавад.

Панҷум, раҳнамоии худ намудани хирад ва сабақҳои таърих, ки дар собиқаи миллати мо кам нестанд.

Шашум ва аз ҳама муҳим, ҳадафи асосии худ қарор додани ташаккули шуури миллӣ, манфиати умумимиллӣ, зеро ваҳдат кафили асосии рушди давлати миллиамон хоҳад буд.

Хушбахтона, имрӯз Тоҷикистони азизи мо соҳиби Пешвоест, ки омилҳои номбурдаро сармашқи кори худ намудааст. Он пирӯзиҳое, ки халқи мо дар бунёди ваҳдати миллӣ ва эҳёи навини Тоҷикистон ба даст овард, маҳз бо риоя ва амалӣ намудани омилҳои зикршуда таҳти сарварии ӯ ба даст омадааст.

Дар бунёди ваҳдат, таҳким ва ҳимояи он мо бояд сифатҳои зотӣ, одобу анъанаву суннатҳои халқамонро ба назар гирем, ки бе донистани он шояд натавонем бинои ваҳдатро бе костиҳо бунёд кунем. Халқи мо халқест некманиш, хайрхоҳ ва дар баробари ин, содадилу зудбовар ва дар оғози истиқлолият душманонаш тавонистанд аз ин истифода кунанд, дар таърихи куҳанаш ҳам ин хушбовариҳо на ба манфиати ӯ будааст ва инро мо бояд чун сабақ дар ёд дошта бошем.

Набояд худро бифиребему ба худ дурӯғ гӯем, зеро ин ба манфиати истиқлолияту ваҳдат, мақсадҳои наҷиби мо ва Сарвари шуҷоъ ва ватандӯстамон нест. Банда бовар дорам кулли мардум, халқи некӯманишу хирадпешаи тоҷик, ки ҷабри таъриху сарнавиштро бисёр дидааст, таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз бо тамоми муҳаббату садоқат ба хоки муқаддаси худ, бо тамоми хиради зотие, ки доранд, дастоварди беназири таърихии худ - Истиқлолияти давлатиро на танҳо пуштибонӣ мекунанд, балки онро таҳким мебахшанд ва дар ин ҷода неру, раҳнамо ва кафили онҳо ваҳдати миллии халқамон хоҳад буд.

Дар ин маврид хушбахтии мо - тоҷикон дар он аст, ки саропои сиришти халқи некӯманиши мо аз ваҳдат ва хайрхоҳию некманишӣ сиришта шудааст. Тамоми маросиму суннатҳову расму оинҳои мардуми кишварамон худ намунаи ягонагӣ ва ҳосили ваҳдати миллист.

Боре гуфта будам, ки агар маросимҳои моро ҳама халқҳои олам қабул кунанду суннатҳои онро қонуни зиндагии худ гардонанд, дар ҷаҳон дигар ҷангу душманӣ, кинаю бадбинӣ аз байн хоҳад рафт, зеро ин суннату оинҳои баланди миллии мо аксар башарӣ буда, ҳадафашон ягонагӣ ва сулҳу осоиши инсонҳост. Хусусан, маросими Наврӯзи оламгири мо.

Ҳамин дастоварду пирӯзиҳое, ки давоми беш аз сисолаи даврони Истиқлолияти давлатиамон халқи ватандӯсту заҳматкашамон ноил гардид, гувоҳи он аст, ки ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва халқи некманиши тоҷик ба чӣ пирӯзиҳо метавонанд ноил шаванд. Ҳам дар арсаҳои сиёсиву байналмилалӣ, ҳам дар арсаҳои ободию созандагӣ, соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба комёбиҳои беназир ноил шуданд ва ин ҳанӯз оғози кор аст. Миллати некӯманиш ва хайрхоҳи тоҷик бо сарварии Пешвои некбину ватандӯсти худ, пас аз ҷабрҳои зиёди таърихӣ, дар замони Истиқлолияти давлатии худ сазовори дастоварду пирӯзиҳои беназир хоҳад шуд.

**Камол НАСРУЛЛО,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# ТОҶИКИ ВАҲДАТОФАР ДАР ОҒОЗИ АСРИ XX

**Зарурати таърихӣ шахсиятҳои таърихиро ба вуҷуд меорад. Агар ба таърихи давлатдории тоҷикон назар афканем, мебинем, ки дар шароити душвори давлатдорӣ шахсиятҳое зуҳур кардаву таърихсозӣ намудаанд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи ниҳоят ҳассоси давлатдории миллӣ роҳбарии давлатро ба зимма гирифта, барои пойдории ваҳдати миллӣ ва барқарор намудани сулҳ ҷонбозиҳо карданд ва имрӯз мардуми тоҷик дар фазои оромии комил кору зиндагӣ доранд.**



Ҳамон гунае, ки истиқлоли давлатӣ барои мо осон ба даст наомадааст, ташкили давлати Тоҷикистон низ дар солҳои 20-уми асри гузашта бо ҷонбозиҳои фарзонафарзандони тоҷик муяссар шуд. Мутаассифона, таърих борҳо миллати моро бо ҳодисаю воқеаҳои мудҳиш имтиҳон кардааст. Хушбахтона, миллати сарбаланди мо бо роҳнамоии фарзонафарзандонаш аксаран ғолиб шудааст.

Нусратулло Махсум аз зумраи фарзандони фарзонаи миллат мебошад, ки барои ташкили Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри гузашта) кӯшиши зиёд кардааст. Ӯ, ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ бо ҳаммаслаконаш барои мустақил шудани кишвар дар ҳайати ИҶШС зиёд талош кардаву муваффақ шудааст. Пас аз мустақил шудани кишвар, соли 1929 Нусратулло Махсум барои таъсис ва ташаккули сохтори давлатӣ талош намуд, ки дар натиҷа бинову иншооти зиёди стратегӣ дар пойтахти навбунёди кишвар - шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Муаррихон фаъолияти сиёсию роҳбарии Нусратулло Махсумро ба се давра тақсим кардаанд. Аз ҷумла, номзади илми таърих Абдулло Ғафуров давраи аввали роҳбарии ӯро аз соли 1920 то соли 1924 арзёбӣ намудааст. Дар ин муддат Нусратуло Махсум ба сафи ҳизби болшевик шомил гашта, аввал ҳамчун роҳбаладӣ Артиши Сурх ва баъд дар вазифаҳои масъули раиси комиссияи озуқаи кумитаи инқилобии вилояти Ғарм, раиси кумитаи инқилобии вилояти Ғарм, раиси комиссияи фавқулодаи диктатории Бухорои Шарқӣ ва раиси кумитаи иҷроияи вилояти Бухорои Шарқӣ фаъолият намуда, моҳияти сохти навро ба хубӣ дарк мекунад ва ҳамчун сиёсатмадор рушд менамояд. Давраи дуюм солҳои 1924-1929-ро дар бар гирифта, дар ин муддат ӯ ба ҳайси роҳбари ҷумҳурии мухтор, бо вуҷуди муборизаи сахт бо ҳаракати мухолифин, тамоми донишу маҳорати худро ба ду самт – ба ҷумҳурии мустақил табдил додани Тоҷикистон ва хотима бахшидан ба муборизаҳои яроқнок сафарбар менамояд. Давраи сеюм солҳои 1929-1933 буда, ин муддат дар ҷумҳурӣ асосҳои сохти нави давлатдорӣ пурра бунёд мешаванд ва меҳнаткашон ба ҳаёти осоишта оғоз мекунанд.

Муаррих солҳои сарварии Нусратулло Махсум дар Тоҷикистонро давраи гузаронидани маъракаҳои бузург, таъсиси органҳои нави идора дар шакли шуроҳо ва кумиҷроияҳо, бозгардонидани фирориён ва ташвиқу таблиғи моҳияти ҳокимияти шуравӣ, ҷалби занон ба корҳои идоракунии ҳокимият ва меҳнати ҷамъиятӣ, бунёди иқтисодиёт дар шакли нав, бунёди иншооти обӣ, анҷом додани муқовимати мухолифин, бунёди роҳи оҳан ва шабакаи васеи роҳҳои автомобилгард, маҳви бесаводӣ ва созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, ривоҷи васеи пахтакорӣ ва ғайра арзёбӣ кардааст.

Воқеан, хизматҳои Нусратулло Махсум барои сарҷамъиву муттаҳидии миллати тоҷик ва ташаккули давлати Тоҷикистон беназир аст.

Чанде пеш як дӯст аксе фиристод, ки дар он Нусратулло Махсум бо ду нафар инъикос ёфтааст. Акс кадом сол гирифта шудааст, дақиқ нест, аммо метавон тахмин кард, ки ба охири солҳои 20 ва аввали солҳои 30-юми асри гузашта ростояд.

Дар сурат Нусратулло Махсум болои курсӣ нишаста, дар тарафи чап Шодӣ Раҷабов ва аз тарафи рост Рашид Раҳимов акс ёфтаанд. Бино ба гуфти наздикони Шодӣ Раҷабов ва Рашид Раҳимов, сурат дар рафти яке аз сафарҳои Нусратулло Махсум ба шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) гирифта шудааст. Шодӣ Раҷабов ва Рашид Раҳимов аз роҳбарони солҳои 1920 -1930-юми шаҳри Истаравшан буда, барои рушду нумуи ин гӯшаи диёр хизматҳои зиёд намудаанд. Дар ду паҳлу гирифтану акс бардоштан нишонаи таваҷҷуҳи роҳбари ҳамонвақтаи кишвар Нусратулло Махсум ба онҳост.

Шодӣ Раҷабов аз соли 1918 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ, аз ҷумла нахустин раиси Кумитаи иҷроияи ҳизбии шаҳри Ӯротеппа, фаъолият карда, солҳои 1933-1937 ба ҳайси раиси колхози ба номи Молотов кор мекунад. Баъдан, сардори идораи хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Ӯротеппа буда, дар ободонии шаҳр саҳм мегузорад. Номбурда соли 1941 дар 48-солагӣ аз дунё мегузарад. Ҳарчанд Шодӣ Раҷабов умри дароз надида бошад ҳам, аммо барои обод намудани як гӯшаи диёр саҳми зиёд гузоштааст. Фарзандонаш низ кори ӯро давом дода, дар вазифаҳои гуногун ба халқу Ватан хизмат кардаанд.

Рашид Раҳимов низ зодаи шаҳри Истаравшан буда, барои беҳбуди зиндагии халқ кӯшишҳои зиёд намудааст. Ӯ солҳои зиёд дар идораҳои гуногуни соҳаи савдо фаъолият намуда, аз худ номи нек боқӣ гузоштааст...

Расми муштараки Шодӣ Раҷабов ва Рашид Раҳимов бо Нусратулло Махсум имрӯз боиси ифтихори пайвандони онҳост.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» як мақоларо пурра ба ҳаёту фаъолияти Нусратулло Махсум бахшидаанд. Пешвои миллат аз ҷумла, зикр кардаанд, ки «Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба муборизa бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад. Талошҳои ӯ, пеш аз ҳама, дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст, зеро дар он солҳои ҳассосу тақдирсоз бадхоҳони миллати тоҷик намехостанд, ки халқи мо соҳиби ҷумҳурии худ гардад. Аз ин рӯ, Нусратулло Махсум ба ҳайси яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷасорати фавқулода ва шуҷоати сиёсӣ барои тақсимоти одилонаи ҳудудӣ, муайян намудани шахсияти миллии мардуми тоҷик мубориза бурда, кӯшиш намуд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва дорои таъриху фарҳанги чандинҳазорсола эътироф шаванд. Хидмат ва кӯшишу ҷонбозиҳои ҳамин гуна фарзандони бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти миллати тоҷик буд, ки имрӯз давлати мо соҳибистиқлол гаштааст. Дар таърихи худшиносии миллати тоҷик номи чунин фарзандони барӯманд бо ҳарфҳои заррин навишта шуда, дар хотири мардум абадӣ хоҳад монд».

Роҳбари давлат дар идома аз иқдомҳои давлат оид ба абадӣ гардондани номи неки Нусратулло Махсум ёдовар шуда, зикр кардаанд, ки «Бигузор, номи нек ва кору пайкори мардонаи ӯ, ки танҳо ба манфиати миллати тоҷик ва давлати тоҷикон буд, барои наслҳои имрӯзу фардои Ватани азизамон сабақи зиндагӣ ва корномаи ӯ дар рушди давлату миллатамон ва барои дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон намунаи ибрат бошад».

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои шоёни Нусратулло Махсумро 27 июни соли 2006, дар Рӯзи Ваҳдати миллӣ, бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон қадр карданд. Дар Рӯзи Ваҳдати миллӣ қадрдонӣ намудани фарзонафарзанди миллат Нусратулло Махсум, ки барои сарҷамъии халқи тоҷик дар замони ҳассоси солҳои 20-30-юми асри гузашта заҳмат кашидаву дар ин роҳ ҷонашро аз даст дод, мантиқист, зеро ӯ низ ваҳдатофар буд.

**Абдуҷаббор УМАРЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАВМРО АНДЕШАҲО БОЯД ЯКЕ




**Ваҳдати миллӣ ва амнияти миллӣ барои бақои ҳар миллат муҳим аст. Агар душмане хоҳад миллатеро хору забун созад, теша бар решаи ваҳдати он мезанад. Заиф гаштан ва ё аз байн рафтани ваҳдат боиси парокандагӣ, ихтилоф мегардад. Он гоҳ амнияти миллӣ низ аз байн меравад.**

Вақте манфиатҳои миллӣ дар миён аст, бояд нагузорем, ки ихтилофи сиёсӣ, мазҳабӣ, гурӯҳӣ, қавмӣ сар занад ва таҳдид ба ваҳдату бақои миллат намояд. Ихтилоф, бадбинӣ, бадандешӣ боиси ақибафтодагӣ, парокандагӣ ва авҷ гирифтани ҷаҳолат мегардад. Рӯзгори ободу осоиштаро хароб месозад, меҳрро, муҳаббатро, эҳтиромро, саломро… аз байн мебарад.

**Қавмро андешаҳо бояд яке,**
**Дар замираш муддао бояд яке.**

Воқеан ҳам, Ватан, ваҳдат, амният ва миллат ҳамдигарро пурра месозанд, ба ҳамдигар тавон мебахшанд. Ба таъбири дигар, ин мафҳумҳо ба ҳам танида шудаанд ва ба дарахти тановари зиндагии мо мубаддал гаштаанд. Дар ҷавҳари ин вожаҳо оби ҳаёт вуҷуд дорад.

Ҳар гоҳе Ватан мегӯем, худро тавоно ҳис мекунем ва медонем, ки ин тавоноӣ дар ваҳдату амнияти миллии мо ифода меёбад. Шарафиддин Алӣ гуфтааст:

**Гар Рустами гурд аз Ватан дур шавад,**
**Беқудрату нотавону ранҷур шавад.**
**Дар об паланг сайди моҳӣ гардад,**
**Дар хок наҳанг туъмаи мӯр шавад.**

Шоирони муосири тоҷик низ ситоишгарони Ватан, тавсифгарони ваҳдат, тараннумгарони ягонагию ҳамдилӣ мебошанд. Дар ин ҷаҳони пур аз ихтилоф ба худшиносии миллӣ расидан, ҳар қадам санҷида мондан, ба арзишҳои моддию маънавии миллат арҷ гузоштан, ҳувияти худро набохтан, ба сӯи нобудӣ нарафтан аз ҳар кас шуҷоат, дониш, хирад ва матонат мехоҳад. Имрӯз шоирони мо бо дарки ҳамин нукта ва эҳсоси масъулият қаламфарсоӣ мекунанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким дар «Шеъри Ватан», ки ба ёди Мирзо Турсунзода навиштааст, таъкид мекунад:

**Рӯзи ман сар мешавад ҳар рӯз бо шеъри Ватан,**
**Шод бодо рӯҳи ту, то нек бошад рӯзи ман.**

Ифодаи «Шеъри Ватан» ба маънии ишқи Ватан аст, ки рӯзи шоир бо он оғоз мешавад. Дар мисраи дуюм шоир таъкид менамояд, ки шод нигоҳ доштани рӯҳи гузаштагон имрӯзи моро нек медорад. Яъне, шинохт ва пос доштани хотираи гузаштагон ба мо дарси хештаншиносӣ, худогоҳӣ медиҳад. Инсоне, ки ҷавҳари худро мешиносад, бо ишқи Ватан бол мекушояд, ҳатман ба муроди дили хеш мерасад. Бо ишқи Ватан зистан, хушбахтии худро дар Ватан дидан, амнияти Ватанро амнияти худ донистан, ҳувиятшинос будан маънии ҳифз кардани ҳастии худро дорад.

Аскар Ҳаким дар шеъри «Ту маро, эй дил…» гуфтааст:

**Дар диёри кӯҳсори ман, ки аз рӯзи азал**
**Ҳар шабу рӯзи Худо се бор меларзад замин,**
**Хонаи он кас намеларзад, ки меларзад дилаш,**
**В-арна, ин ҷо хонае як дам намепояд яқин.**

Оре, соҳибдил будан, ба огоҳӣ расидан одамиятро тақвият мебахшад. Хатари заминларзаи табиӣ баробари заминларзаи ҷаҳолату ғафлат нест. Ҷаҳолату ғафлат бунёди ваҳдатро меларзонад, аммо дилогоҳон ҳастанд, ки пеши харобии маънавиро мегиранд. Инсони ҳушманд ҳамеша аз оқибати кори худ меандешад ва ҳамеша рӯ ба шукуфоию растагорӣ меорад.

Шоири маъруф Давлати Раҳмониён нангу номус, ваҳдат, амният, зиндагиро дар ишқи Ватан хулоса мекунад. Шоир ба хотири Ватан меҳре, ки ба бегона бастааст, мебурад, аҳди бо ғайр бастаашро мешиканад, ҷаҳде, ки ба Ватан рабт намегирад, намекунад ва ҳарфе, ки ба Меҳан дахл надорад, намегӯяд. Бе ишқи Ватан ҷони шоир аз тан ҷудост, ҳамин ишқ аст, ки ҷонро бо тан кафшер мекунад. Сухани Ватан аз ҷони шоир мехезад ва ҳамин ҷон шеъри шоирро зиндагӣ мебахшад. Давлати Раҳмониён дар ниҳоят таъкид мекунад:

**То дар тани ман асар бувад аз рамақе,**
**Ҷуз дар раҳи миллату Ватан ҷон наканам.**
**Чун саҷдагаҳи ҳазор пуштам Ватан аст,**
**Н-афтад зи даҳан ҳадиси ҳуббулватанам.**

Дар раҳи миллату Ватан ҷон кандан маънии ихтилофро аз байн бурдан, ваҳдатро пойдор намудан, амниятро барқарор сохтан аст. Ваҳдату амният боис мегардад, ки миллат ба шукуфоӣ бирасад. Шоир огоҳона таъкид мекунад, ки саҷдагоҳи ҳазор пуштам Ватан аст, яъне обою аҷдоди ман ба хотири ин сарзамин мубориза бурдаанд, ҷоннисориҳо кардаанд, шарафу номуси худро ҳифз намудаанд. Ман низ ҳадиси ҳуббулватанро раҳо намесозам, чаро ки ҳастии ману вуҷуди Ватан якест.

**Бе ишқ Ватан Ватан набошад,**
**Гар ҳаст, барои ман набошад…**
**Гӯянд: муродифи Ватан чист?**
**Ишқ аст, дигар сухан набошад!**

Ҳамин тавр, Ватан хонаи мост: хонаи ишқ, хонаи дил, хонаи ваҳдат, хонаи амн, хонаи саодат, хонаи камолу ҷамол. Кӣ метавонад чунин хонаро раҳо кунад, бад гӯяд, дар он зиндагӣ кардан нахоҳад, ба он душманӣ варзад, вайрониашро хоҳад? Ҳатто оне, ки девона аст, ақле дар сар надорад, ба ин кор қодир нест.

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб дар шеъри «Сояи нур» ба мо меомӯзад, ки Ватан қаламрави муҳаббат асту сарҳади вафо, агарчӣ дар як гӯшаи олам ҷойгир аст, вале барои ман тамоми олам аст. Сарзамини ман нишони гузаштагон ва амонати онҳост. Ин амонатро мо бе ваҳдати миллӣ нигоҳ дошта наметавонем. Бояд як мушт бошем, қуввати мо дар ягонагии мост.

Шоир дар шеъри «Накҳати Ватан» бо муҳаббату ихлос менависад:

**Дар ҳама кунҷи ҷаҳон бӯи Ватан бар мо расад,**
**Дар замину осмон бӯи Ватан бар мо расад.**
**Сер аз бӯяш намегардад димоғе умрбод,**
**Ҳамчу бӯи гарми нон бӯи Ватан бар мо расад.**

Мо имрӯз мушоҳида мекунем, давлатҳое вуҷуд доранд, ки сокинонаш аз зодбуми худ фирор мекунанд, дар ҷустуҷӯи макони амн ҳастанд. Онҳо наметавонанд дар ватани худ осуда хобанд, нафас кашанд, кор кунанд, ханданд, рақсанд. Дар он кишварҳо одамон бо ҳам ихтилоф доранд, душманӣ меварзанд, ваҳдате вуҷуд надорад, ҷангу бадбахтӣ ҳукмрон аст. Ин ҳақиқатҳо ба мо талқин месозад, ки ба қадри ваҳдату ягонагӣ бирасем.

Шоир Рудобаи Мукаррам дар шеъри «Қалам ва сулҳ», ки ба истиқболи Рӯзи Ваҳдати миллӣ навиштааст, таъкид мекунад:

**Болотарини авҷи таманнои мост сулҳ,**
**Сарномаи дуову тасаллои мост сулҳ.**
**Мисли зулоли равшании чашми ахтарон**
**Нури умеду бахти муҷаллои мост сулҳ.**

Ин авҷи таманною тасалло, равшании чашму бахти муҷалло бе ваҳдати миллӣ ба даст намеояд. Аз ин ҷост, ки шоирони мо бо камоли масъулият ваҳдат, ҳамдилӣ ва ишқро ситоиш мекунанд, ки ин се вожаи пурарзиш дар гулбоғи Ватан сабзу муаттар мегарданд. Аз ин лиҳоз Муҳаммад Ғоиб гуфта:

**Дарозии забони ман, баландии садои ман.**
**Мадору муттакои ман, давоми бобақои ман.**
**Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.**

**ВОРИС, «Садои мардум»**



# ҚАҲРАМОНИ ВАҲДАТ

## Сухане чанд аз нақши созандаи Пешвои миллат дар ашъори Бозор Собир

**Устод Бозор Собир аз шоирони маъруф ва маҳбуби миллати тоҷик буда, эҷодиёташ саршор аз меҳри Ватан-Модар аст. Ӯ тозаандешу тозагӯ мебошад. Шеъраш дилнишину гуворост. Дар ҳар шеъри Бозор Собир оҳангу садои ғулғулаафкани озодию истиқлолхоҳӣ, ваҳдату якдилӣ, бедории миллӣ, хештаншиносӣ ва расидан ба қадру манзалати забону сухан ба гӯш мерасад.**

Як силсила шеърҳои устод ба эҳтиром ва заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудаанд. Аз ҷумла, шоир дар шеъри «Сангари сангини истиқлол» садоқатмандӣ, накукорӣ, одамият, самимият, ҷонфидоӣ, хоксорию фидокориҳои Қаҳрамони Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чунин ба қалам медиҳад:

**Курсиат аз партаи мактаб,**
**Минбарат аз дарзаи деҳқон,**
**Пойандозат ба маҳфилҳо,**
**Ҳар қадам аз пардаи дилҳо.**

**Пешвои миллати Зардушт,**
**Пешвои миллати Маздак,**
**Пешвои миллати Айнӣ,**
**Пешвои миллати Восеъ,**
**Ҷонишини Оли Сомон,**
**Қаҳрамони Тоҷикистон.**
**Аз дами оташ гузаштӣ,**
**Чун Сиёвуш,**
**Кардӣ оташро ту хомӯш.**
**Аз сари сарҳад гирифтӣ**
**Ҳар фирориро дар оғуш,**
**Ҷангро карди фаромӯш…**

Воқеан, Пешвои азизро ҳар қадам пойандоз аз пардаи дилҳост, мардум муштоқи шунидани суханҳои рӯҳнавозу ширин ва пур аз ҳикматаш мебошанду самимона дӯсташ медоранд.

Агар таърихи начандон дури миллат - ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузаштаро пеши назар орем, вуҷудамон ба ларза меояд. Ёди он рӯзҳои талх ҳамеша талх аст. Дар он зулмат танҳо як ситораи дурахшон (дурахшаш ҷовидону поянда бод) бо исми шарифи Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дили мардумро ба ояндаи нек гарм сохт. Тухми некӣ, хушрӯзию озодиро дар кишвар кишт. Воқеан, на ба ҳар сарвару пешво муяссар мегардад, ки курсияш аз партаи мактаб, минбараш аз дарзаи деҳқон ва пойандозаш дар маҳфилу маҷлисҳо аз пардаи дилҳо бошад.

Бозор Собир шоири дақиқбин, ҳассосу ҳақиқатнигор аст. Ӯ аз қаҳрамонию диловарӣ ва ҷонфидоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ободию озодӣ, якпорчагии марзу бум, садоқати бепоён ба муқаддасоти Ватан, барои ғамхору дилсӯзу дилогоҳи халқ будану оинаи қаднамои миллат гаштанашон рӯҳи тоза мегирад ва бо самимияту ифтихору эҳтироми хоса изҳор менамояд:

**Бо садои гармат одат кардаем**
**Ҳамчу бо зангӯлаи давлат,**
**Ҳамчу бо зангӯлаи ваҳдат,**
**Ҳамчу бо зангӯлаи мактаб.**
**Чунки дар рӯи ту мебинем**
**Рӯи миллатро,**
**Нури миллатро.**
**Чунки аз пешонии бози ту мехонем**
**Мо хати тақдири миллатро.**
**Пойгоҳи давлататро карда кафшер**
**Бастакори нақби Анзоб,**
**Бастакори нақби Шаршар,**
**Бастакори Чормағзак,**
**Бастакори ГЭС-и «Роғон»**
**Ҳамчу оҳан,**
**Ҳамчу чӯян,**
**Ҳамчу пӯлод**
**Пойдор.**

Дар фарҳанги миллии тоҷикон ибораи «садои гарм» ҳамчун сухани форам, гӯшнавозу рӯҳнавозу дилнишин фаҳмида мешавад. Мо ба суханони гарми Шумо ҳамчу зангӯлаи давлат, ки моро ба бунёдкорию созандагӣ даъват мекунад, ҳамчу зангӯлаи ваҳдат, ки моро ба ягонагию дӯстиву тифоқӣ даъват мекунад, ҳамчу зангӯлаи мактаб, ки ба илму касбомӯзӣ ҳидоят менамояд, одат кардаем,- мегӯяд устод Бозор Собир. Илова мекунад, ки дар рӯи пурнури Шумо рӯи миллатро мебинем ва дар пешонаи фарохатон хати тақдири миллатро мехонем. Шумо на танҳо Пешвои азизу муътабари миллатед, балки бо талошу заҳматҳои шабонарӯзиатон собит намудед, ки поягузори нақбҳои Анзобу Шаршару Чормағзак ва НБО «Роғун» низ ҳастед. Ин аст самимият, ихлос, эҳтирому эътиқод ва қадршиносӣ.

Устод Бозор Собир дар байти зер бо эҳсоси баланди шоирӣ дар ситоиши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯяд:

**Номи туро нависем,**
**эй Қаҳрамони ваҳдат,**
**Бо оби ноби тилло**
**дар тоқи Қасри миллат.**

Дар ин мисраъҳо як ҷаҳон маънӣ нуҳуфта аст. Аввал ин ки устод Бозор Собир Пешвои азизамонро Қаҳрамони ваҳдат меномад ва халқи тоҷик хуб дар ёд доранд, ки то ба ваҳдати воқеӣ расидан Президенти мардумии мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ азобу уқубатро аз сар гузаронданд, чӣ ҷонбозиҳою қаҳрамониҳо нишон доданд, ки ин ҳама аз назари шоир дур намондааст. Барои ин ҳақиқатро дида тавонистан ва ба қалам додан чашми бино кам аст, дили бино доштан лозим.

Дувум, устод Бозор Собир бо як эҳтироми бузург мегӯяд, ки номи Қаҳрамони ваҳдатро бо оби ноби тилло менависем, ки ин далели эҳтироми беандозаи шоир нисбати Пешвои миллат мебошад.

Сеюм, устод Бозор Собир ҷои гузоштани ин ҳарфҳои тиллоиро низ муқаррар мекунад, ки он тоқи Қасри миллат аст. Ва ниҳоят бо оби ноби тилло навиштани номи Пешвои азизамон маънои ҷовидана дар таърихи миллат сабт шудани ин номи муборакро дорад. Бо ин суханҳо шоир аз ҳамаи мо даъват ба амал меорад, ки дар атрофи Пешвои ваҳдатсозамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид бошем, то ба хонаи сулҳи мо дигар душманон ҳеҷ гоҳ рахна назананд.

Шоир самимияту садоқати бепоёни худро нисбат ба Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як силсила шеърҳои дигараш низ ба намоиш гузоштааст. Лаҳзаи пурҳаяҷоне, ки Сарвари давлат ба булдозер нишаста, пеши ҷараёни дарёи Вахши исёнгарро мебастанд, устод Бозор Собирро ба ваҷд меорад:

**Вахшоб даҳанкалонӣ мекард умре,**
**Кафкаш ба лабон дамида**
**ҳамчун сармаст.**
**Эмомалӣ худ нишаста дар булдозер,**
**Чоки даҳани калони дарёро баст.**

Бояд қайд намуд, ки бо ба кор даромадани ду чархаи НБО «Роғун» кишвари мо барои гузаштан аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ қадами бузургу устувор гузошт. Ба қадри ин воқеаи бузурги таърихӣ бояд расид.

**Мефишорам сахт дасту**
**панҷаҳои маҳкаматро**
**Ҳамчу дасту панҷаи фарзанди деҳқон,**
**Ҳамчу дасту панҷаи шахшӯли**
**деҳқонбачаи қишлоқ**
**Аз каланду досу мисрон.**
**Чун кафи дасти ту шаҳроҳат**
**Аз Душанбе то Бадахшон,**
**Аз канори Суғд то Хатлон;**
**Дар кафи дасти ту меронанд,**
**Дар кафи дасти ту метозанд,**
**Дар кафи дасти ту ҷорист**
**Сели мошин,**
**Фавҷи дарёҳои мошин.**

Шоир бо эҳтиром дасти Пешвои азизамонро мефишорад ва меболад, ки дар Ватанамон роҳҳо мумфаршу ҳамворанд чун кафи даст, сели мошинҳо ҷорист рӯзу шабҳо ва пойгоҳи давлати тоҷикон бо ҳидоятҳои Пешвои миллат маҳкаму устувор ҳамчу оҳан, ҳамчу пӯлод аст. Устод Бозор Собир Пешвои миллатро ризқофаре медонад, ки дасту панҷаҳояш мустаҳкам аз зарбати кор аст. Аз ин рӯ, дасту панҷаҳоятро бо эҳтиром мефишорам мегӯяд. Бозор Собир рушд ва бақои миллатро дар эҳтирому иҷро намудани дастуру супориш ва ҳидоятҳои Роҳбари давлат, ҳамчунин, иттиҳоду ҳамбастагӣ, ваҳдату якдилии халқ ва ҷонибдории сиёсати созандаю инсонгароёнаи ӯ мебинад. Зеро маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаю хастанопазири Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри бист аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид. Миллати тоҷик баъд аз гузашти асрҳо дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил шуд ва имрӯз ба сӯйи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

**Файзулло НАҶМИДДИНИЁН,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои филологӣ**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ЧЕҲРАИ КУШОДУ ОҒӮШИ БОЗИ ҲАММЕҲАН АСТ

**Ваҳдати миллӣ калиди дари дунёи саодат барои миллат, ба ҳам омаданҳо, аз қатра ба дарё табдил ёфтанҳо, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, таъмини умри дарози истиқлолият ва пойдории давлат аст. Яъне, ваҳдати миллат шаҳсутуни пойдории давлат аст. Давлате, ки имрӯз мо соҳиби он ҳастем ва ниёконамон тӯли ҳазор сол орзуи ба даст овардани онро доштанд. Аз ин рӯ, муваззафем, ки барои пойдории он мо - ҳар як сокини мамлакат ба қадри тавон кореро анҷом диҳем.**

Он айёме, ки Тоҷикистон дар оташи ҷанги дохилӣ месӯхт, мардум ноумеду дилшикаста дар кори худ дармонда буданд, фиғони модарон гӯши фалакро кар мекарду гиряи тифлон фазои кишварро пур карда буд, касе парвои қисмати миллати тоҷикро надошт. Мардуми ноумедгашта на ба ояндаи кишвар умед доштанду на ба пайваст гардидани риштаҳои гусастаи дӯстию бародарӣ дар мамлакат. Ҳама ниёз ба оромӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ доштанд.

Насли калонсол шоҳиданд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ минтақаи Рашт ба майдони тохтутози дастаҳои ҷинояткор табдил ёфта, ба мардуми заҳматкаш ҷабру ситами зиёдро раво медиданд. Ашхоси бегонапараст, ки дар вуҷудашон на ҳисси худшиносӣ доштанду на ҳувияти миллӣ шароитро мусоид дониста, ба корҳое даст заданд, ки мардумро дилшикаставу рӯҳафтода мегардонид. Дар ноҳияи Рашт вазъият риққатовар буд.



Ба сари қудрат омадани фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтарин саодат буд барои тоҷикон. Ҳанӯз аз рӯзи аввал садо баланд кард ва бо боварӣ гуфт: «Ман ба шумо сулҳ меорам». Иҷрои ин ваъда кори осон набуд, аммо мавсуф бо боварӣ ва овози таъсирбахшаш оташаки хомӯшгаштаистодаи қалбҳоро фурӯзон гардонданд. Билохира бо ҳама мушкилиҳо бо талошҳои зиёди ӯ сулҳу оромӣ дар мамлакат барқарор шуд. Аммо ин ҳанӯз оғози кор буд. Ҳанӯз мардуми Тоҷикистон ҷуръат надоштанд аз минтақае ба минтақае сафар кунанд. Миллате, ки то дирӯз бо ҳамдигар бародар буданд ва аз як коса об менӯшиданд, метарсиданд, ки ба хонаи якдигар раванд. Ҳамон рӯзҳо фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тамоми ҳастиашонро барои эҳёи миллат ва Тоҷикистони сӯхта бахшида буданд, дар бораи ваҳдати миллӣ панду андарз гуфтанд, мардуми Тоҷикистонро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ба ягонагӣ ва дӯстиву рафоқат даъват карданд.

Ваҳдат бақои миллат аст ва маҳз дар кишваре, ки дӯстиву бародарӣ, ба ҳам омадану аз «ман» «мо» шудан ҳаст, ҳаёт лаззати дигар дорад. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ беҳуда нафармудааст:

**Баргу сози коинот аз ваҳдат аст,**
**Андар ин олам ҳаёт аз ваҳдат аст.**

Пешвои миллат ҳангоми баргузории Рӯзи Ваҳдати миллӣ соли 2019 дар шаҳраки Ғарм андешаҳояшонро чунин иброз доштанд: «Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард. Маҳз самараи ваҳдати миллӣ ва тарғиби пайвастаи ғояҳои он буд, ки Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба марҳалаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид».

Инак, аз он рӯзҳо 27 сол сипарӣ гардид. Дар ин муддати кӯтоҳи таърихӣ маҳз бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андарзҳои оқилонаву чораву тадбирҳои андешидаашон сокинони кишвар дубора дӯсту бародар шуданд. Имрӯз агар мо ба кадом гӯшаи кишвар, ки наравем, бо чеҳраи кушоду оғӯши боз пешвозамон мегиранд. Маҳз ваҳдат боиси рушду нумӯи кишвар шуд.

Вале набояд дар ғафлат монем. Як лаҳза дар ғафлат мондан боиси пушаймонӣ хоҳад шуд. Ҷудоии дубора боиси харобии кишвар ва маҳви миллати заҷркашидаву соҳибтамаддун мегардад. Ин панди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ бояд дар ёди ҳар кадомамон бошад:

**Риштаи ваҳдат чу қавм аз даст дод,**
**Сад гиреҳ бар рӯйи кори мо фитод.**

Аз ин рӯ, аз кӯдаки ҳафтсола то пири ҳафтодсола бояд ба маънои вожаи «ваҳдат» расем ва барои ягонагии миллати азиз талош намоем.

Мехоҳам дар поёни матлаб иқтибоси дигарро аз суханронии Пешвои миллат ба хонандагони азиз пешкаш кунам: «Бовар дорам, ки тамоми мардуми тамаддунсозу шарафманди Тоҷикистон… минбаъд низ рисолати муқаддаси худро ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон ва тақвияти иқтидори давлати соҳибихтиёрамон содиқона иҷро карда, ҳамаи кӯшишу талош ва ҳиммату ғайрати худро барои ободии Тоҷикистони азизамон, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ ва ватандӯстиву ватандорӣ тарбия кардани фарзандон сафарбар менамоянд».

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

# ВАҲДАТИ МО ҚУДРАТИ МОСТ!

**Маънӣ ва моҳияти ваҳдати миллиро мардуми мо дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки Тоҷикистон хун мегирист, бештар дарк намуданд. Вожаи ваҳдат дар дили аҳли фазл, ватанпарастони асил ҷо ёфт ва гулдастаи ваҳдат шукуфонд. Он боиси ба истиқлолияти комил расидани Тоҷикистон шуд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мудом сари минбар, дар ҷамъомадҳои хурду бузург аз ваҳдати миллӣ арзи маънӣ мекунанд, ҷавонон ва аҳли ҷомеаро ба дӯст доштани Ватан - Тоҷикистони азиз ҳидоят намуда, таъкид месозанд, ки ватандӯсти ҳақиқӣ бошанду ба қадри ваҳдати миллӣ бирасанд.

Агар мо ваҳдатро шиор намекардем, ба сулҳи саросарӣ ноил намегардидем. Тоҷикистон, ки бар асари ҷанги таҳмилӣ қариб буд пора-пора шавад, бо ваҳдати миллӣ ва якдигарфаҳмии сокинонаш аз ин варта раҳо ёфт. Ба таъкиди Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «баръакси хостаҳо ва нақшаҳои душманони миллат дигарбора эҳё шудем, давлатамонро аз нестшавӣ ва миллатамонро аз хатари пароканда шудан наҷот додем ва соҳибӣ кардем».

Ҳамон ваҳдати миллӣ, ки 27-уми июни соли 1997 бо талоши Роҳбари давлатамон ба даст омад, боис шуд, ки имрӯз дар фазои осоиштаи давлати соҳибистиқлоламон озодона кору зиндагӣ мекунем.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9-уми марти соли 2024 дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар изҳор намуданд: «Мо бояд иттиҳоду ҳамбастагӣ, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллиамонро, ки ҷавшани миллии мо дар муқобили хатарҳои замони муосир мебошанд, чун гавҳараки чашм ҳифз кунем. Қудрати мо дар иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандӯстӣ ва заҳмати содиқона ба хотири ободии Ватан ва рушди давлатамон аст».

**Ҳама ваҳдатсарои ин Ватан бошем,**
**Анису бовафои ин Ватан бошем.**
**Ҳамеша ҷонфидои ин Ватан бошем,**
**Ба ҷон андар ризои ин Ватан бошем.**
**Агар дар ҳар куҷои ин Ватан бошем,**
**Ватан моро чу модар дӯст медорад,**
**Ба ҷону дил баробар дӯст медорад.**

Вожаи ваҳдат, албатта, нав нест. Бузургони миллати тоҷик аз асл, хоса адибон, ваҳдатсароӣ мекарданд. Имрӯз бошад, ин вожа бо вожаҳои Ватану Истиқлоли Тоҷикистон, сулҳу озодии миллат тавъам садо медиҳаду маънии олии ватандӯстиро касб кардааст. Садои ваҳдати миллӣ аз забони Сарвари давлат шукӯҳманду ширину сермаъно ба гӯш мерасад. Вожаи ваҳдат, ки аз забони Пешвои миллат садо медиҳад, халқро ба ободӣ, зиндагии босаодат, ояндаи нек ва шукуфоии кишвари азиз талқин мекунад.

Мо дар шароити феълӣ ба шахсияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниёзи бештаре дорем. Аз ин лиҳоз, бояд атрофи Сарвари давлат сарҷамъ бошем, зери роҳбарии ӯ фазои сулҳу ваҳдат, ягонагии миллиро барои ҳамеша ҳифз намоем.

**Ҷӯрабек МУЪМИН,**
**рӯзноманигор, сокини ноҳияи Файзобод**

# ҲАЙАТИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ГУРҶИСТОН

**Аз 17 то 21 июни соли ҷорӣ ҳайати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ ба Гурҷистон сафари корӣ анҷом доданд.**



Ҳадафи сафар мубодила ва омӯхтани таҷриба оид ба баробарии гендерӣ, баланд бардоштани иқтидори ҷавонон барои пешбурди баробарии гендерӣ дар ҷомеа, инчунин, сатҳи огоҳии онҳо оид ба амнияти гендерӣ ба ҳисоб мерафт.

Намояндагони Тоҷикистон, ҳамзамон, бо фаъолияти Парламенти Гурҷистон, котиботи ҳуқуқи башари маъмурияти Ҳукумати Гурҷистон, Агентии ҷавонон, Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон, Ассотсиатсияи рушди ҷавонон ва маориф, Шурои миллии ташкилоти ҷавонон ва Донишкадаи сиёсии Гурҷистон оид ба баробарии гендерӣ ва пешбурди сиёсати ҷавонон шинос шуданд.

Дар доираи сафар Мавсума Муинӣ бо муовини Раиси Парламенти Гурҷистон Нино Силосанӣ мулоқот намуд.

Ҷонибҳо изҳори умед намуданд, ки гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ барои таҳкими равобити дӯстонаи байни ҳар ду кишвар дар солҳои минбаъда саъю талоши бештар ба харҷ хоҳанд дод.

Дар идомаи суҳбат зикр шуд, ки ҷавонони тоҷик ҳамчун неруи бузурги созанда эътироф шуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи онҳо ва соҳиб шудан ба касбу ҳунар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Иброз гардид, ки занону бонувони тоҷик дар мақомоти олии намояндагӣ, ҳокимияти судӣ ва иҷроия, инчунин, сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ фаъолият намуда, дар пешрафти соҳаҳои гуногун ҳиссаи арзанда доранд.

Таъкид гардид, ки дар солҳои истиқлолият барои аз байн бурдани қолабҳои гендерӣ ва таъмини сиёсати самарабахши гендерӣ корҳои назаррас анҷом ёфтанд. Ба шарофати фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи занон дар мамлакат хеле боло рафт.

Зимни мулоқот изҳори боварӣ шуд, ки тавассути муколамаҳои доимии сатҳи баланд робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Гурҷистон дар ҳама самтҳо мазмуну мундариҷаи нав касб намуда, дар оянда доираҳои зиёди мавриди таваҷҷуҳ ва барои тарафҳо манфиатоварро фаро хоҳанд гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# ИШТИРОК ДАР 300-СОЛАГИИ МАҲДУМҚУЛӢ

**22 июни соли 2024 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ дар чорабинӣ бахшида ба 300-солагии шоир ва мутафаккири туркман Маҳдумқулӣ Фароғӣ, ки аз ҷониби Туркманистон баргузор гардид, дар реҷаи фосилавӣ иштирок ва суханронӣ намуд.**



Дар мулоқот таъкид шуд, ки ҳар як фарҳанг арзишҳои худро дошта, онро беназир мегардонад. Аз ин лиҳоз, арзишҳои фарҳангӣ барои мардум ва миллат, идеалҳои миллӣ ва таърих аҳамият доранд.

Эҷодиёти Маҳдумқулӣ Фароғӣ ҷузъи муҳими ташаккули ҳувияти миллӣ буда, номбурда асосгузори назми классикии туркман маҳсуб меёбад. Мероси эҷодии ӯ саҳми дурахшон ва аслии халқи туркман ба маданияти ҷаҳонӣ мебошад.

Зимни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, аз сатҳи ҳамкории байнипарлумонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, зарурати густариши ҳар чӣ бештари ин равобитро таъкид карданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БАРРАСИИ 804 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи агентӣ ва Созишномаи қолабӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба маблағгузории идомаи сохтмони лоти 4-и (иншооти соҳили чап) лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ, Созишномаи агентӣ ва Созишномаи қолабӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба маблағгузории идомаи сохтмони лоти 4-и (иншооти соҳили чап) лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун», ки 10 - уми июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, манзур мегардад.



Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 150,0 млн. доллари амрикоиро ташкил намуда, он аз қарзи имтиёзноки Бонки исломии рушд ба маблағи 90,0 млн. доллари амрикоӣ ва механизми махсуси молиявии бонк баробар ба 60,0 млн. доллари амрикоӣ иборат буда, бо мақсади идомаи иҷрои корҳои сохтмонӣ дар лоти 4-и НБО «Роғун» равона мешавад.

Қарзҳои пешниҳодшуда мӯҳлати 25 сол, аз ҷумла давраи имтиёзнокӣ 7 солро дар бар гирифта, бинобар дорои 35,47 фоиз элементи грантӣ будан, қарзҳои имтиёзнок ҳисобида мешавад.

Ҳадафи лоиҳа дастгирии рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи таъмини таъминоти неруи барқи баркароршаванда барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ ва тавсеаи тавлиди неруи барқ тавассути истеҳсоли 3600 МВт энергия мебошад.

Лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» ба 4 қисмати корҳои сохтмонӣ ё бо истилоҳ лотҳо ва хизматрасониҳои машваратӣ ҷудо шудааст.

Корҳои сохтмонӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- Ҷузъи якум: Таъмин ва насб намудани чор турбинаи нав, навсозӣ ва нигоҳдории ду турбинаи пешина бо иқтидори 600 МВт, таъмин ва насби трансформаторҳо, таҷҳизоти ёрирасон ва таҷҳизоти асбобсозӣ;

- Ҷузъи дуюм: Сохтмони сарбанди асосӣ бо баландии 335 метр. Ғайр аз ин, корҳои сохтмонӣ коркарди масолеҳро, ки дар умқи сарбанд воқеъ аст, дар бар мегирад;

- Ҷузъи сеюм: Сохтмони чаҳор нақби гидротехникӣ дар иншооти соҳили тарафи рост барои буриш ва обпарто бо баландии тақрибан 1250-3600 м ва диаметри 10-15 м бо мақсади таъмини қобилияти интиқоли кофии селоб.

Маблағҳои созишномаҳои мазкур ба лоти 4-и лоиҳа, яъне барои сохтмони шаш канали обӣ дар иншооти соҳилии чапи НБО «Роғун» барои таъмини ҷараёни баланди об ба турбинаҳо барои тавлиди неруи барқ бо баландии 212 м ва диаметри 12-16 м равона мегардад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2029 ба нақша гирифта шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки амалигардонии лоти 4-и НБО «Роғун» таҳти роҳбарии Бонки исломии рушд ва саҳмгузории Гурӯҳи ҳамоҳангсози Араб, аз ҷумла Фонди Саудӣ, Фонди Қувайтӣ, Фонди ОПЭК ва Фонди Абузабӣ ба роҳ монда мешавад.

Барои татбиқи лоиҳаи мазкур дар соли 2023 созишномаи қарзӣ бо Фонди саудии рушд ба маблағи 100,0 млн. доллари амрикоӣ низ ба имзо расонда шудааст.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаҳои пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ, Созишномаи агентӣ ва Созишномаи қолабӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба маблағгузории идомаи сохтмони Лоти 4-и (иншооти соҳилии чап) лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» 10 – уми июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» лоиҳаи стратегии муҳимтарин барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ буда, пайваста дар



мадди назари Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаҳои зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаҳои мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи онҳо овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи агентӣ ва Созишномаи қолабӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба маблағгузории идомаи сохтмони лоти 4-и (иншооти соҳили чап) лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ВЕНА» оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт аз қабати 6в-и майдони шарқии Кони ангишти Фон-Яғноби ноҳияи Айнии вилояти Суғд оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба *раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии* Ҷумҳурии Тоҷикистон *Султон Раҳимзода* дода мешавад. Марҳамат.

**Султон РАҲИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз дастгириҳои доимӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармоя ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба шумо изҳори сипос менамояд.

Лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Вена» оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт аз қабати 6$^{в}$-и майдони шарқии Кони ангишти «Фон-Яғноб»-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида таҳия гардидааст.

Тибқи фармоиши дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Вена» иҷозатномаи истихроҷи ангишт аз қабати 6$^{в}$-и майдони шарқии Кони ангишти «Фон-Яғноб»-и ноҳияи Айнӣ ба мӯҳлати 10 сол дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон 28 - уми декабри соли 2023 ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки фаъолиятро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиш, ҷустуҷӯ, иктишоф ва барои истифодаи саноатӣ омода намудани конҳои канданиҳои фоиданок вусъат бахшанд. Ҳамзамон, дар асоси Консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 таъмини иҷрои индикаторҳои мақсадноки асосии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030» зиёд намудани истихроҷи ангишт нисбат ба соли 2016-ум 7,6 баробар ё 10,4 млн. тонна дар назар буда, он то соли 2040-ум 15 млн. тонна пешбинӣ шудааст.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Вена» тасмим гирифтааст, ки барои татбиқи лоиҳа беш аз 10,0 млн. доллари ИМА сармоягузорӣ намояд.

Дар доираи лоиҳа воридоти техникаю мошинолот ва насби технологияҳои муосир, инчунин, баланд бардоштани сатҳи донишм мутахассисони соҳа пешбинӣ гардида, дар маҷмӯъ зиёда аз 100 ҷойи нави корӣ ташкил мешавад. Имтиёзҳои андозӣ дар созишномаи мазкур тибқи талаботи Кодекси андоз, яъне ба мӯҳлати 5 сол ба андозаи 50 фоиз озодкунӣ аз бонуси обунавӣ пешбинӣ шудааст.

Воридоти техника ва технологияҳо барои татбиқи лоиҳа дар асоси Номгӯйи молҳо бо қарори алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ВЕНА» оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт аз майдони шарқии Кони ангишти «Фон-Яғноб»-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд 7 - уми июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар самти кӯҳкорӣ, омӯзиши геологии таҳшинҳои ангиштдори мавзеи Марзич ва инчунин, истихроҷу коркарди ангишт аз қабати 6В-и майдони шарқии Кони ангишти «Фон-Яғноб» анҷом дода мешаванд.

Лоиҳа пурра аз ҳисоби маблағҳои сармоягузор - беш аз 10 000 000 (даҳ миллион) доллари амрикоӣ амалӣ гардида, қабули он хароҷоти иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.

Амалишавии созишномаи мазкур ба рушди соҳаи саноат, таҳкими иқтидори содиротии мамлакат, воридоти технологияи муосир, инчунин, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва ба таъсиси беш аз 100 ҷойи нави корӣ мусоидат намуда, ба ҳадафи миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мувофиқ мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, тасдиқ намудани созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ВЕНА» оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт аз қабати 6в-и майдони шарқии Кони ангишти Фон-Яғноби ноҳияи Айнии вилояти Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

*(Ҷаласаро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло идома медиҳад).*

**Маҳмадалӣ ВАТАНЗОДА:** - **Вакилони муҳтарам**, ҷаласаро идома медиҳем.

Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» шурӯъ мекунем. Аз рӯи ин масъала, бо камоли эҳтиром, сухан ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Зокирзода Маҳмадтоир Зоир дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадтоир ЗОКИРЗОДА:**

**- Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи шуморо ба ифтихори 27-умин солгарди яке аз дастовардҳои муҳимтарини Тоҷикистони маҳбуб - ҷашни Ваҳдати миллӣ, ки пагоҳ дар кишвари азизамон таҷлил мегардад, самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

Мавриди зикр аст, ки 27-уми июни соли 1997 дар натиҷаи талошу заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи давлатдориву давлатсозии навини тоҷикон рӯйдоди бузург арзи вуҷуд кард, ки он дар тақдири минбаъдаи мардумамон гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид.

Самараи сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои маҳбуби миллат мебошад, ки ин санаи дар ҳақиқат пурнишоту ҳаётбахш дар муддати начандон тӯлонии таърихӣ дар қалбҳои мардуми кишвар маскан гирифта, ба рӯйдоди азизу гиромӣ табдил ёфт.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд.

**Муҳтарам вакилон!**

Ҳоло тибқи талаботи моддаи 42 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузоришро доир ба фаъолияти кори Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум манзури шумо мегардонам.

Дар давраи иҷлосияи сипаришуда, новобаста аз шиддат пайдо кардани таҳдиду хатарҳои муосир, бахусус терроризму экстремизм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, чораҳои андешидаи Давлату Ҳукумати мамлакат шароит фароҳам оварл, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро самарабахш анҷом диҳад. Албатта, дар ин робита, вакилони Маҷлиси намояндагон низ дар самти амалигардонии ҳадафҳои стратегии кишвар, стратегияву барномаҳои давлатӣ ва дар ин замина, баҳри баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум тавассути қабули қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳми худро гузоштанд.

Дар давраи ҳисоботӣ як маротиба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои барои ҳаёти ҷомеаи мо муҳим мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми навбатии хешро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат» ироа намуданд.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти амалигардонии ҳадафҳои Ҳукумат ва давлат возеҳу мушаххас таъкид гардида, иҷрои дастуру супоришҳои додашуда ба таъмини рушди устувори тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат мусоидат намуда истодааст.

Паёми Сарвари давлат дар назди мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаву идораҳои шакли моликияташон гуногун ва ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар вазифаҳои мушаххас гузошта, барномаи фаъолияти минбаъдаро муайян кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Паёми имсолаи Пешвои миллат нисбат ба Паёмҳои қаблӣ бартарию афзалияти зиёд дорад. Яке аз муҳимтарин нуктаҳое, ки дар Паёми имсолаи Пешвои миллат таъкид гашта буд, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани рушди иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад.

Пешниҳод гардид, ки андозаи нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, маоши кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, стипендияҳо, музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мутаносибан 30-40 фоиз зиёд шавад. Албатта, ин иқдомҳои наҷиб барои боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Масъалаи дигаре, ки Пешвои миллат ҳангоми ироаи Паёми хеш пешниҳод намуданд, ин эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад. Мусаллам аст, ки иқдоми мазкур дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафтаву адолатпарвар ва тақвияту ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Илова бар ин, иқдоми пешбинишуда ба таҷлили сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омада, тарғибу ташвиқи васеи он меъёрҳои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро равшану возеҳтар менамояд. Аз ҳама муҳимаш, амалияи он ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа, таъмини сулҳу субот ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишвар мусоидат менамояд. Дар иртибот ба ин, бояд қайд кард, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақшаи чорабиниҳо таҳияву тасдиқ ва дар амал татбиқ шуда истодааст.

Масъалаи дигаре, ки Пешвои миллат таъкид намуданд, омодагии ҳамаҷонибаи ҳар яки мо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, Сарвари давлат дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифа гузоштанд, ки ба ин раванд бо масъулияти том ва ҳисси баланди ватандӯстӣ муносибат карда, ба масъалаи бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳанг ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, махсусан ободу зебо гардондани маҳали зист ва дигар корҳои созандагӣ, эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Боварӣ дорем, ки сокинони ватандӯст ва бонангу номуси мамлакат ин дастуру ҳидояти Пешвои миллатро бо камоли масъулияту ифтихор пазируфтаю ҷонибдорӣ намуда, Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзанда ва дар сатҳи лозимӣ истиқбол мегиранд ва онро ба тантанаи ҳақиқии худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ватандорӣ табдил медиҳанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи панҷум фаъолияти худро дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ, дастҷамъӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳандозӣ намуд. Дар ин давра 37 ҷаласаи Шуро ва 27 иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар доираи онҳо беш аз 804 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа, аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда 575 қарорҳои Шуро ва 229 қарорҳои Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраргардида қабул гардиданд.

Дар давраи Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 129 қонун, аз ҷумла 11 қонуни мукаммал, 3 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 85 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 30 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо, инчунин, беш аз 53 созишномаву протокол ва дигар санадҳои меъёрӣ манзур гардидаанд.

Аз шумораи умумии қонунҳои манзуршуда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 лоиҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 65 лоиҳа, аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ 6 ва аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон 40 лоиҳаро ташкил медиҳад. Илова бар ин, аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамбастагӣ бо узви Маҷлиси миллӣ (ба таври омехта) 11 лоиҳа таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, вакилони Маҷлиси намояндагон дар пешниҳоди 51 лоиҳаи қонун ташаббус кардаанд. Маҷмӯан, то ба имрӯз беш аз 89 қонун бо тартиби муқарраргардида қабул шуда, 30 лоиҳа дар баррасии кумитаҳои Маҷлиси намояндагон қарор доранд.

Дар ин давра 10 лоиҳаи қонун бо тартиби муқарраргардида барои такмил баргардонда шудааст.

Итминони комил дорем, ки қонунҳои қабулгардида муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим дароварда, амалияи он ба устувории сохтори қонунгузории кишвар замина фароҳам меорад ва ба таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллии кишварамон такони ҷиддӣ мебахшад.

Шоистаи зикр аст, ки дар давраи ҳисоботӣ вохӯриву мулоқотҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои такмил ва таҳкими қонунгузории миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Аз ҷумла, мулоқотҳои Пешвои муаззами миллат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ва бо аҳли илм ва маорифи мамлакат басо ҳам муҳиму бамаврид ва самарабахш анҷомиданд.

Дар робита ба ин, дар заминаи дастуру ҳидоят ва роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагон даъвати шашум қонунҳоеро қабул намуданд, ки ҳадаф аз қабули онҳо ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардум, ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ буда, ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мебошанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби гузарондани ҷашну маросимро муайян карда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, пешгирии хурофоту таассуб, баланд бардоштани маънавиёт ва сатҳи иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст.

Ба ҳамин монанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» низ ҳамқадами замон буда, муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак танзим менамояд. Ҳадафҳои он ба таълиму тарбияи кӯдак дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардида, таъмини фаъолият дар ин самтро муайян намудааст.

Шоистаи зикр аст, ки ҳар ду лоиҳаи қонуни зикршуда бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Ҳамчунин, дар давоми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагон вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қонунҳои дахлдор қабул карда шуданд, ки ҳадафи онҳо барои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ ва вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими ҷашну маросим равона шудааст.

Дар давоми иҷлосия вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намуданд, ки дар фаъолияти қонунгузории кишвар саҳифаи нав боз намуд. Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал буда, мақсади он баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷомеа, расонидани кумак ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ барои соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Лоиҳаи зикршуда, бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, инчунин, талаботи объективӣ, шароит ва хусусияте, ки дар соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд, таҳия шудааст.

Дар баробари қабули қонунҳо, инчунин, як зумра созишномаҳо дар Маҷлиси намояндагон мавриди баррасию тасдиқ қарор дода шуданд, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ нақши бориз гузоштанд.

Умуман, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон даъвати шашум тӯли фаъолияти худ дар таҳия ва қабули беш аз 198 қонун, аз ҷумла 29 қонуни мукаммал саҳм гузоштаанд, ки албатта, аз фаъолияти пурсамари онҳо дар рушди қонунгузории кишвар шаҳодат медиҳад.

Бо истифода аз фурсат, миннатдории самимии роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вакилони даъвати шашум баён менамоям.

Умед дорам, ки оянда низ шумо - вакилони арҷманд дар кадом маснаде бошед, бо истифода аз таҷрибаи ғании касбкарда ва масъулияти сайқалёфта дар татбиқи сиёсати хирадмандона ва хастанопазири Пешвои маҳбубу муаззами миллат саҳми босазо хоҳед гузошт.

**Ҳамкасбони азиз!**

Самти дигари фаъолияти мо - вакилони мардумӣ дар ҷодаи намояндагӣ ин вохӯрӣ бо интихобкунандагон ва расидагӣ ба мушкилоти онҳо мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ду маротиба вакилони Маҷлиси намояндагон бо интихобкунандагон дар ҳавзаҳои интихоботӣ вохӯриву мулоқотҳои судманд барпо намуданд, ки ҳадаф аз онҳо шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва пайгириву фаҳмондадиҳии суханронии Сарвари давлат зимни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат мебошад.

Ҳамчунин, дар доираи ин сафарҳо масъалаҳои нигаронкунанда ва мушкилоти ҷойдоштаи сокинони мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифта бо мақсади расидагӣ ба муроҷиати онҳо нақшаи чорабиниҳо таҳия ва барои андешидани чораҳои зарурӣ тавассути дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳои дахлдор равон карда шуд.

(Давомаш дар саҳ. 5)



# БАРРАСИИ 804 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

(Идома аз саҳ. 4)

Дар давоми Иҷлосияи панҷум ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби интихобкунандагон 307 муроҷиати хаттӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба давраи иҷлосияи қаблӣ 171 адад кам мебошад.

Илова бар ин, дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон, ки ҷараёни он тибқи ҷадвал роҳандозӣ гардидааст, беш аз 160 шаҳрванд қабул карда шудаанд.

Дар ин давра, тибқи муроҷиат ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони техникии Маҷлиси намояндагон аз фонди Раиси Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраргардида кумакҳои молиявӣ ҷудо гардид.

Албатта, вакилони мардумӣ дар ин самт бо андешидани тадбирҳои мустақим ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта, ки аз ҷониби интихобкунандагон баён гардиданд, саҳми муайян гузоштанд.

**Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ин давра фаъолияти байнипарламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурмаҳсул, гуногунҷабҳа ва фарогири масъалаҳои корие буд, ки аз лиҳози дастовардҳо ва натиҷаҳои фаъолият метавон бесобиқа, пурмаҳсул ва назаррас унвон кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ бо ҳидоят ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, обрӯ ва эътибори хешро боло бурд, ҳамкориҳои судмандро таҳкиму густариш бахшид ва то имрӯз бо аксари давлатҳои ҷаҳон равобити хубу манфиатоварро ба роҳ мондааст. Дар натиҷа, имрӯз кишвари мо ҳамчун маркази баргузории чорабиниҳои байналмилалию глобалӣ гардидааст.

Шоиста ба зикр аст, ки Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» моҳи июни соли равон дар доираи яке аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Конфронси зикршуда кишварҳои аъзои СММ ва ниҳодҳои он, сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ ва молиявӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро муттаҳид сохта, дар ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим саҳми арзандаи худро хоҳад гузошт.

Маҷлиси намояндагон дар доираи ин конфронс рӯзҳои 10 - 11 июни соли 2024 Форуми байналмилалии парламентиро таҳти унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон» ташкил ва баргузор намуд. Дар форуми байналмилалии мазкур узви парламентҳои беш аз 20 кишвари ҷаҳон ва ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ, инчунин, шахсони расмию баландпоя иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бояд зикр намуд, ки форум дар сатҳи баланди ташкилӣ ва меҳмоннавозӣ баргузор гардида, яке аз чорабиниҳои бузург дар таърихи Маҷлиси намояндагон ба шумор меравад. Ташкили чунин чорабиниҳои байналмилалӣ аз манфиат холӣ нестанд ва бо саъю талоши шумо - вакилони муҳтарам дар оянда низ баргузории онҳо дастовард ва натиҷаҳои пурмаҳсули фаъолияти мову шумо хоҳанд гардид.

**Вакилони гиромӣ!**

Дар давраи Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагон баҳри таҳкими равобити байнипарламентӣ бо давлатҳои ҳамҷавор аз ҷониби роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагон як қатор мулоқоту вохӯриҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, мулоқоти Раиси Маҷлиси намояндагон бо собиқ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон марҳум Сайид Иброҳим Раисӣ, бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов, ки бо сафарҳои расмӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд, бисёр самарабахш ва хотирмон барпо гардиданд. Дар ин зимн, ҷонибҳо ба таҳкиму рушди равобити бисёрсамта ва тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

Тоҷикистон густариши ҳамкории фарогирро бо шарикони худ ҷиҳати таҳкими амнияти милливу давлатӣ аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад ва узвияташро дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ посухгӯ ба манфиатҳои миллӣ медонад. Узвияти кишвар дар Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ аз омилҳои муҳими таҳкиму танзими қонунгузории соҳаи амниятӣ, мудофиа ва сулҳу суботи кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин робита ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ муҳтарам Вячеслав Володин барои иштирок дар ҷаласаи сайёри Шуро ва ҷаласаи шонздаҳуми пленарии ин созмон, ки 19 - уми декабри соли 2023 дар шаҳри Москва баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд.

Ҳамчунин, Маҷлиси намояндагон ба ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байнипарламентӣ дар самти густариши сиёсати хориҷӣ ва муаррифии кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ аҳамияти хоса додааст. Конфронси якуми раисони парламентҳои Корея ва Осиёи Марказӣ, ки моҳи сентябри соли 2023, бо иштироки ҳайати Маҷлиси намояндагон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея сурат гирифт, далели ин гуфтаҳо мебошад. Конфронси мазкур ба мавзуи «Биниш ва самти ҳамкориҳои минтақавӣ байни Корея ва Осиёи Марказӣ: ҷаҳиши нав барои 30 соли оянда» равона гардид, ки дар роҳи рушду таҳкими минбаъдаи муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мо, аз ҷумла робитаҳои байнипарламентӣ, нақши хоса бозид. Зимни сафари мазкур вохӯрии Раиси Маҷлиси намояндагон бо Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ким Ҷин Пё доир гардид, ки дар муносибатҳои байнипарлумонии кишварҳои мо саҳифаи наверо боз кард.

**Вакилони муҳтарам!**

Имрӯзҳо мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист аз мавзуъҳои доғи ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, бидуни ҳамкорӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ ҳалли он ғайриимкон гардидааст.



Барои муаррифии ташаббус ва иқдомоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи обу иқлим ҳайати Маҷлиси намояндагон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб моҳи декабри соли 2023 иштирок ва суханронӣ намуд.

Дар доираи сафари мазкур мулоқоти судманд бо Раиси Шурои миллии федералии Аморати Муттаҳидаи Араб Сақр Ғобаш доир гардид. Дар ин зимн таъкид гардид, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои пурмаҳсулу судманд бо кишвари бародари Аморати Муттаҳидаи Араб таваҷҷуҳи хоса дорад, зеро робитаҳои парлумонӣ дар фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ барои тавсеаи равобити ҳар ду кишвар дар ҳавзаҳои мухталиф нақши муҳим мебозад. Ҳамчунин, зимни ин сафар Раиси Маҷлиси намояндагон бо Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ҷарван мулоқот намуд. Зимни мулоқоти самимӣ иброз гардид, ки саҳми Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба аҳамияти пешбурди таҳаммулпазирӣ ва сулҳу амонӣ назаррас аст. Дар навбати худ, Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ ният намуд, ки Дафтари минтақавии Шурои ҷаҳонӣ оид ба таҳаммулпазирӣ ва сулҳро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намояд.

Инчунин, моҳи феврали соли ҷорӣ ҳайати Маҷлиси намояндагон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи 14-уми Ассамблеяи парламентии Осиё, ки дар шаҳри Боку барпо шуд, иштирок ва суханронӣ намуд. Иҷлосияи мазкур дар мавзуи «Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ барои рушди устувор дар Осиё» ном гирифта, дар он раисони парлумонҳо ва роҳбарони ҳайатҳои парлумонии зиёда аз 30 кишвари дунё ширкат доштанд.

Дар доираи ин сафар мулоқотҳои Раиси Маҷлиси намояндагон бо Раиси Милли маҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Сахиба Гафарова, Раиси Маҷлиси миллии Шоҳигарии Тайланд Ван Муҳаммад Нур Матҳа, Раиси Маҷлиси бузурги миллии Туркия Нуман Куртулмуш, муовини якуми Раиси Шурои миллии федералии Аморати Муттаҳидаи Араб Тариқ Ҳумайд Матар Моҳд Алтайер ва бо муовини Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар хонум Ҳамда бинт Ҳассан Ал-Сулайтӣ баргузор гардиданд. Дар мулоқот ҷонибҳо масоили ҳамкории байнипарламентиро мавриди баррасӣ қарор дода, баояндаи неки ҳамкориҳои созандаи байни кишварҳоямон назари нек доштанд ва омодагӣ ҷиҳати рушду тавсеаи онҳо дар ҳамаи бахшҳоро баён намуданд.

Бо мақсади густариши ҳамкориҳои дуҷониба байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Ассамблеяи миллии Таиланд Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис дода шуд, ки он теъдоди гурӯҳҳои дӯстиро ба 79 адад расонд. Ин нишондиҳанда дар тӯли фаъолияти байналмилалии Маҷлиси намояндагон бесобиқа аст.

Маҷмӯан, дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагон беш аз 40 мулоқоту вохӯриҳо дар сатҳи Раиси Маҷлиси намояндагон, муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон, раисони кумитаву комиссияҳо ва вакилони Маҷлиси намояндагон бо роҳбарияти парламентҳо, намояндагони воломақоми кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ баргузор намуда, дар пешбурди «дипломатияи парламентӣ» ва рушди «парламентаризми тоҷик» саҳми назаррас гузоштанд.

Минбаъд низ муносибатҳои байнипарламентиву байналмилалии вакилони арҷманди мо бо тамоми кишварҳои дунё тақвият ёфта, дар сатҳи сифатан нав роҳандозӣ хоҳанд гардид. Ҳамзамон, бо ин васила дар татбиқи сиёсати «дарҳои кушода»-и Ҳукумати мамлакат саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Бо ғамхориву дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муҳайё намудани шароити мусоиди корӣ ва пешбурди фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагон ҳамасола аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағи муайян ҷудо мегардад. Самараноку мақсаднок истифода намудани маблағи ҷудошуда имкон фароҳам овард, ки вакилони муҳтарам фаъолияти худро натиҷабахш анҷом диҳанд.

Дар доираи сметаи тасдиқшуда марҳила ба марҳила таҷҳизоти компютерӣ, мизу курсӣ ва дигар лавозимоти корӣ навсозиву иваз шуданд. Тавре медонед, солҳои охир дар Маҷлиси намояндагон як қатор корҳои ободониву сохтмонӣ, аз ҷумла таъмиру азнавсозии даромадгоҳу роҳравҳои асосии бино, толори баргузории ҷаласаҳои Шурои Маҷлиси намояндагон, маҷлисгоҳи хурд ва толори вохӯрии як ба як, осорхона ва китобхона, роҳандозӣ гардиданд. Инчунин, бо мақсади беҳсозии вазъи иҷтимоии вакилон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ошхона аз таъмири куллӣ бароварда шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шуд, ки имрӯз дар он хизматрасонӣ тибқи талаботи санитариву беҳдоштӣ ба роҳ монда шудааст. Албатта, бо дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ минбаъд низ корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома дода мешаванд.

**Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Албатта, ҳамаи корҳои иҷрошуда ва дастоварду муваффақиятҳоро дар муддати андак пурра ва мукаммал муаррифӣ намудан имконнопазир аст.

Новобаста аз кӯтоҳии вақт ман кӯшиш намудам, ки гузориши мухтасарро оид ба фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагон даъвати шашум манзури шумо гардонам.

Тавре шумо - вакилони арҷманд медонед, тибқи муқаррароти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раиси Маҷлиси намояндагон дар баробари пешниҳоди ҳисобот, вобаста ба лоиҳаи Барномаи кори қонунгузории Маҷлиси намояндагон барои иҷлосияи навбатӣ гузориш медиҳад.

Ҳоло лоиҳаи Барномаи кори қонунгузорӣ барои давраи муайяни иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум таҳия гардида, нусхаи он ба шумо дастрас карда шудааст. Тибқи барномаи тарҳрезишуда дар давраи иҷлосияи навбатӣ таҳия ва қабули беш аз 34 қонуни гуногунсамт ба нақша гирифта шудааст.

Вобаста ба амалӣ гардондани барномаи мазкур қарори дахлдор қабул шуда, татбиқи он аз ҳар яки шумо - ҳамкасбони азиз, масъулияти баланд ва фаъолияти пурсамарро тақозо менамояд. Мутмаинам, ки қабули қонунҳои ба нақша гирифташуда ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани заминаи ҳуқуқии кишвар, ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳаёти мамлакат, пеш аз ҳама, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат менамояд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар таҳти сарварӣ ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо тавонистем, ки ҳама гуна пастию баландиҳо, буҳрону мушкилот ва ниёзмандиҳоро пушти сар намоем. Тавре Пешвои муаззами миллат дар суханрониҳояшон пайваста таъкид медоранд: «Дар зиндагӣ зираку худогоҳ бошему фирефтаи ҳадафҳои ғаразноки гурӯҳҳои манфиатҷӯ нашавем».

Новобаста аз ҳидоят ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат ашхосе ҳастанд, ки дар маснади баланди давлатӣ бо ғаразу хусумат кору фаъолият менамоянд ва пинҳонӣ бо ҳар гуна гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҳамкорӣ доранд. Гӯиё кирдорҳои ҷиноятии онҳо фош намегарданд.

Тавре медонед, кирдори номатлуби вакили Маҷлиси намояндагон, ки чанд рӯз қабл ба шарофати ҳушёриву зиракии кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои қудратии кишвар кушода гардид, хатари ҷиддии сиёсиро нисбат ба давлату Ҳукумат пешгирӣ намуд.

Хеле мутаассифем, ки дар миёни вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум чунин шахси хиёнаткор ва ғаразнок вуҷуд доштааст. Албатта, мо - вакилон ин кирдори нангине, ки шаъну эътибори вакилро паст мезанад, қатъиян маҳкум намуда, дастгирии худро ба талошҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нисбат ба пешгирии ҷинояткорӣ ва дар ин замина, таҳкиму таъмини сулҳу суботи комил дар кишвар баён медорем ва кӯшишҳои сарҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳониро дар мубориза бо терроризму экстремизм ҷонибдорӣ менамоем.

Тавре Пешвои маҳбубу муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста хотирнишон менамоянд: «Мо хуб медонем, ки касе дар фикри обод кардани Ватани мову шумо, хонаву дару кошонаи мову шумо нест. Мо худамон бояд бунёд кунем, Ватани азизамонро боз ҳам ободтару пешрафта созем».

Дур нестанд он рӯзҳое, ки мову шумо ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва меҳнати содиқонаву софдилонаи ҳамватанон дар фазои сулҳу суботи комили Ватан барои худамон зиндагии аз ин ҳам беҳтарро месозем.

Авзои пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза нишон медиҳад, ки андозаву миқёси хатарҳои бузурги умумибашарӣ қодир аст баъзе кишварҳои гирифтори нобасомониҳои дохилиро ба фазои ҷангу низоъҳои мухталифи идеологию динӣ, муноқишаҳои марзӣ, зиддиятҳои миллию нажодӣ кашонад.

Дар ин маврид мо бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем ва нисбати ҳама гуна тағйироту дигаргуниҳо бетафовут набошем, балки ба онҳо аз зовияи ақлу идрок ва ҳувияти миллӣ баҳои муносиб дода, дар фикру андешаи ободию созандагӣ бошем. Ин ҳолат аз мо танҳо содиқ ва ватандӯст буданро тақозо менамояд. Дар робита ба ин, бояд мо тамоми кӯшишу ғайрат ва ҳастиамонро баҳри амалигардонии нақшаву барномаҳои азиме, ки Ҳукумати мо тасдиқ намудааст, қотеъона равона созем.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи шумо - вакилони арҷмандро бори дигар даъват менамоям, ки дар роҳи пешрафти Ватани азизамон боз ҳам сарҷамъу муттаҳидтар бошем, то ин ки ҳама якҷо кишвари азизу муқаддасамонро боз ҳам ободтару зеботар ва пешрафта гардонем.

Дар фарҷоми сухан ба ҳамаи шумо - вакилони арҷманд саломатӣ ва саодати рӯзгор орзу намуда, дар зиндагии шахсию фаъолияти меҳнатиатон баҳри риоя ва таъмини волоияти қонун, ҳифзи арзишҳои миллию умумибашарӣ ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 30-солагии Конститутсия барору комёбиҳои беназир орзу менамоям.

**Саломату сарбаланд бошед!**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

*(Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокирзода Маҳмадтоир Зоир ҷаласаро идома медиҳад).*

Дар интиҳои иҷлосия Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода, тибқи қарори шуроҳои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон ва намояндагони дигар сохторҳои давлатӣ (собиқ вакилон), инчунин, кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагонро барои саҳми арзанда гузоштан дар рушд ва таҳкими парламентаризм ва такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкории байнипарлумонӣ, иштироки фаъолона дар кори ассамблеяҳо бо медал ва ифтихорномаҳои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои узви ИДМ, Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ сарфароз гардонд.

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолона изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

# ҲУҚУҚИ ИНСОН

## Муҳимтарин арзиши тамаддуни ҷаҳонӣ

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бадалшавии тадриҷии фазои ҷаҳонӣ ба минтақаи ягона мебошад ва авзои сиёсии ҷаҳони имрӯза дар ҳоли дигаргунӣ қарор дорад, яке аз масъалаҳои муҳмтарини глобалӣ ва дохилидавлатӣ эҳтироми ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳуқуқи инсон ба ҳар як одам танҳо ба он хотир хос аст, ки ӯ, пеш аз ҳама, инсон аст. Ҳуқуқҳои инсон барои он лозим ва зарур аст, ки моҳияти инсонии ҳар одам нигоҳ дошта шуда, барои ҳар як инсон дар рӯи замин зиндагии шоистаю шарафмандона таъмин гардад.**

Бадалшавии тадриҷии фазои ҷаҳонӣ дар нимаи дуюми садаи бистум нишон дод, ки мақсади оламгирии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ, ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон, беандешагӣ ва носипосӣ ба ин арзиши муқаддас, яъне инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, ба сари инсоният чӣ қадар нохушӣ ва фалокатҳои азимеро бор овард. Бахусус, ҷанги дуюми ҷаҳон, қи дар натиҷаи он зиёда аз 60 миллион одам аз беҳтарин арзиши умумиинсонӣ - ҳуқуқ ба ҳаёт маҳрум гардиданд. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намуд ва ҳамзамон, ба хулоса омад, ки эҳтироми падидаи ҳуқуқи инсонро ба яке аз принсипҳои муҳимтарини фаъолияти давлат, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи ҳуҷҷатҳои муҳимтарини байналмилалӣ эътироф ва мустаҳкам намояд.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон маркази ҳамкории давлатҳо оид ба эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон Созмони Милали Муттаҳид гардид. Оинномаи СММ, ки соли 1945 қабул шуд, эҳтироми ҳуқуқи инсонро дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дода, онро дар сатҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам намуда, кафолат дод. Аз ҷумла, дар моддаи якуми санади мазкур муҳимтарин нуктаҳои ҳамкории давлатҳои ҷаҳон дар заминаи эҳтироми падидаи ҳуқуқи инсон мустаҳкам гардид, ки минбаъд он ба яке аз принсипҳои муҳимтарини ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфт.

Фаъолияти густурдаи СММ-ро дар бахши эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон метавон ба таври назаррас маънидод намуд, зеро аз лаҳзаҳои аввали ташкилшавӣ ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ эҳтироми падидаи ҳуқуқи инсонро дар маркази таваҷҷуҳ ва фаъолияти хеш қарор дода, дар ин замина, як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқиро, ки кафолатдиҳандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, ба тасвиб расонд.

Ҳанӯз дар иҷлосияи аввалини созмони мазкур моҳи январи соли 1946 дар хусуси қабул намудани ҳуҷҷати махсус оид ба ҳуқуқи инсон қарор қабул гардида, ҳамзамон, оид ба қабули ҳуҷҷати мазкур комиссияи махсус дар моҳи феврали ҳамон сол таъсис дода шуд. Дар аввал ҳуҷҷати мазкур бояд дар шакли санади том қабул мешуд, аммо баъдан ба хулоса омаданд, ки он бояд дар шакли се ҳуҷҷат: эъломия, ки хусусияти тавсиявӣ дошт ва ду паймон, ки барои давлатҳои иштирокчӣ хусусияти ҳатмӣ дошта бошад, қабул шавад. Ҳамин тавр, 10-уми декабри соли 1948 аз ҷониби иҷлосияи кул Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бо ҷонибдории 48 овоз қабул гардид. Эъломия аз 30 модда иборат буда, дарбаргирандаи муқарраротиумумӣ оид ба муҳимтарин нуктаҳои ҳуқуқи инсон мебошад, ки барои давлатҳои иштирокчӣ хусусияти тавсиявӣ дорад. Ин заминаи нахустин дар ҷодаи кафолатнокии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии ӯ мебошад.

Баъдан, дар заминаи эъломияи мазкур зиёда аз 100 санади байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабул гардид, ки метавон онҳоро махзани муҳимтарини ҳуқуқӣ зимни эътирофу ҳифзи ҳуқуқи инсон номид. Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Конвенсия дар бораи манъи табъизи нажодӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва монанди инҳо аз ҷумлаи он санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

Аҳамияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намуда, бо мақсади гиромидошти он 4 - уми декабри соли 1950 Ассамблеяи генералии СММ резолютсияи 423-ро дар бораи эълон намудани 10-уми декабр Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон қабул намуд ва аз ҳамон сол инҷониб ин рӯз дар тамоми ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад.

Байни ҳадафҳои СММ амалисозии ҳамкориҳои бисёртарафа дар ҳавасмандсозӣ ва рушди эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама бе фарқ кардани нажод, ҷинс, забон ва дин ҷои махсусро ишғол мекунанд.

Қарордодҳои байналмилалии дар соҳаи ҳуқуқи инсон тибқи ҳадафҳо ва принсипҳои СММ барои ҳифзи сулҳу амният, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ қабулшуда барои Тоҷикистон аҳамияти бағоят бузург доранд. Зеро кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз аломатҳои муҳими давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, дар шароити барпо намудани давлати демократию ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандии инкишофёфтаю пурқувват эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ба яке аз вазифаҳои муҳимтарин мубаддал гаштааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади асосии дорои эътибори олии ҳуқуқие мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эълон намуда, кафолат додааст. Боби 2 Конститутсия ба ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шуда, дар он номгӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд эътироф гардидааст. Дар баробари ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои баробарӣ ва манъи табъиз, дахолат накардан ба корҳои шахсии инсон, ҳуқуқу озодиҳое, ки мақоми ҳуқуқии на танҳо шаҳрвандони мамлакат, балки шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрвандро низ ташкил медиҳад, ҳифзи категорияи алоҳидаи одамон, маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Тавре аз дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, озодӣ ва ҳуқуқи шахс муқаддас буда, мустаҳкамнамоии ин меъёр дар дигар моддаҳои Конститутсия асоси ҳуқуқии худро ёфтааст, ки тасдиқи он моддаи 5 ва боби 2-и он мебошад.

Метавон гуфт, ки моҳияти асосии давлати Тоҷикистон умумииҷтимоӣ буда, танҳо амали воқеии қонун бо нишондодҳои он метавонанд ҳуқуқу озодиҳои инсонро воқеӣ гардонида, муташаккилии назму субот ва инкишофи рӯзафзуни ҷомеаро таъмин намояд.

**Намоз АМОНЗОДА,**
**судяи Суди шаҳри Душанбе**

# ҲАДАФҲОИ ПАСИПАРДАГӢ ДАР ҲУҶУМҲОИ МАҒЗИИ «МАВЛАВИҲО»

**Вақтҳои охир минбардорони масҷидҳои ҳамсоякишвари Афғонистон, ки марказҳои таблиғоти Толибон* ва ифротгарӣ маҳсуб мешаванд, ба «баррасӣ»-и масоили дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта, меъёрҳои муқарраршуда дар пӯшиши либосҳои миллиро ба тарзи комилан ғалат ва иғвогарона «шарҳу тафсир» менамоянд.**

Бидуни огоҳии комил аз меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон ва бе таҳлили амиқи санадҳои муқарраршудаи кишвари мо як зумра аз рӯҳониёни ба ном «мавлавӣ», ки дар қабзаи зулму истисмори Толибон мебошанд, дар мавъизаҳои худ унвонҳои сохтае, ба мисли «қонуни манъи ҳиҷоб», «қонуни манъи сатр» ва даҳҳо ибораҳои бардурӯғро ба кор бурда, минбари масоҷидро ба пойгоҳи таҳоҷуми мағзӣ бар алайҳи мардуми Тоҷикистон мубаддал кардаанд. Даъвои бебунёди ин рӯҳониён он аст, ки «Тоҷикистон қонуни манъи ҳиҷоб қабул кардааст». Маҳз ин дасиса боис шуда, ки мубаллиғини Толибон ба тафаккури ҷавонони ноогоҳу бемаълумот бо истифодаи ибораву ҷумлаҳои таҳриккунанда ҳуҷуми мағзӣ мекунанд ва ҷавононро ба қонуннописандӣ ва сарпечӣ аз иҷрои амру меъёрҳои ҷомеаи маданӣ ташвиқ месозанд.

Ин андешаҳои комилан иғвогарона дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо даҳҳо шаклу усул бозтоб гардида, ҳар фарди ноогоҳ мавқеи худро доир ба Тоҷикистон изҳор менамояд. Аз ин ҳолати ҳассос истифода намуда, зумрае аз ҳамватанони кӯтоҳандеши мо низ ба сели таблиғоти Толибон ҳамроҳ шуда, ба осиёби душманони кишвар об мерезанд, ба оташи фитнаи бегонагон равған мепошанд ва худро туъмаи созмонҳои истихбoротии хориҷӣ месозанд.

Ба ном рӯҳониёне, чун Аҳмади Фирӯз, Абдулқодир Ҳомӣ, Фазлраҳмон Ансорӣ, Абдулкабири Муҳоҷир, Абдулкарими Муҳаммадӣ, Зикриё Фоиз ва иддаи дигар, масъалаи мазкурро ба шаклҳои мухталиф меҳвари мавъизаҳои худ қарор додаанд. Ин масъала аз ҷониби «мавлавӣҳо»-е, чун Абдулқодир Ҳомӣ, Фазлраҳмон Ансорӣ ва Аҳмад Фирӯз, ки аз мубаллиғони сарсахти гурӯҳи террористии Толибон ва аз асоситарин хоинони ормонҳои миллии мардуми бечораи Афғонистон мебошанд, ба таври муташаккил муҳокима шуда, мардумро ба хушунат таҳрик доданианд.

Аслан, ин тоифа, ки гурӯҳи террористии Толибон минбарҳои масҷидро дар ихтиёри онҳо додааст, аксаран ҷавонон буда, мадрасаҳои Толибонро хатм карда, зеҳнашон таҳти таъсири тафаккури радикалӣ ва ифротӣ ташаккул ёфтааст. Аз лиҳози ахлоқӣ низ чанде аз инҳо дар ливотаткорӣ, нашъаҷаллобӣ ва кӯдакозорӣ (педофилия) гунаҳкор ва дар замони ҷумҳурият аз тарси ҷавобгарӣ фирор намуда, дар манотиқи кӯҳистон зери қаноти Толибон пинҳон буданд. Ҳоло, ки ҳукумат дар қабзаи зулму шарорати Толибон аст, ин гурӯҳи таблиғотии динӣ дар ҳар маврид бо супориши гурӯҳҳои террористӣ суҳбат ва бар нафъи гурӯҳҳои ифротгаро ҳукм содир мекунанд. Яъне, ин рӯҳониён ғуломони фикрии гурӯҳҳои террористӣ буда, исломро бар нафъи хоҷагонашон суиистифода мекунанд.

Агар чунин набошад ва сухан аз манфиатҳои динӣ ва фаризаҳои исломӣ равад, чаро Толибон дар Афғонистон беш 3 миллион бонувонро аз хондан дар мактабу мадрасаву донишгоҳу донишкада манъ кардаанд? Онҳо аз ин тариқ асоситарин фарзи ислом - илм омӯхтанро пушти по задаанд, вале чаро «мавлавиҳо»-и хасакӣ дар қиболи ин зулми Толибон муҳри хомӯшӣ бар лаб задаанд? Чаро кӯдакони хурдсол дар ин кишвар бо баҳои ночиз дар ҷодаҳо ба фурӯш гузошта мешаванд, ки ба ҳеҷ як меъёри исломӣ, инсонӣ ва байналмилалӣ посухгӯ нест, вале ин «мавлавиҳо» сокит ҳастанд? Чаро дар вилоятҳои Панҷшер, Балх, Бомиён, Ҳирот ва дигар вилоятҳо Толибон шабонгоҳ ба ҳарими шахсии одамон даромада, хонаҳоро талошӣ ва ҳуқуқҳои фитрии миллатро поймол мекунанд, ҳарими шахсии инсонҳоро вайрон месозанд, заминҳои ирсӣ ва хонаву кошонаи сокинонро ба кӯчиҳо медиҳанд, вале «мавлавиҳо» дар қиболи зулми Толибон лаб фурӯ бастаанд? Пас, маълум аст, ки барои ин «мавлавиҳо» на асолати динию мазҳабию миллӣ, балки амру дастури хоҷагонашон зарур аст.

Даъвои ин сияҳкоронро аз лиҳози илми ҷомеашиносӣ ва вазъияти геополитикӣ таҳлил намоем, чунин суол пайдо мешавад: Чаро минбарҳои масҷидҳои Афғонистон масъалаҳои дохилии Тоҷикистонро ба шакли тунд ба баррасӣ гирифтаанд ва дар ин масъала то «ҳукми ҷиҳод» расониданд?

Таҳлилҳои воқеаҳои охир нишон медиҳанд, ки ин дастаи рӯҳониёни асолатбохта дастаи ниёбатии Толибон ва кишварҳои толибсоз буда, дар пасманзари ин даъво чанд масъалаи асосӣ ниҳон гардидааст. Агар ба таври дигар бигӯем, ин мавлавиҳои фитнабоз бозичаи дасти гурӯҳҳои ифротгаро буда, ҳадафи аслии онҳо аз омилҳои зерин вобаста аст:

1. Гурӯҳи террористии Толибон, ки бо дасисаи бузурги кишварҳои абарқудрат ҳокимияти сиёсӣ дар Афғонистонро соҳиб шуд, бо гузашти се соли дар қудрат будан ҳеҷ кишваре онҳоро ба расмият нашинохтааст ва дар ин масъала аз лиҳози сиёсӣ шикастхӯрда маҳсуб меёбанд. Толибон дар баробари шикастҳои сиёсӣ, ҳамзамон, дар дохили Афғонистон суботи комил наёфта, ҳар рӯз як гурӯҳи низомӣ барои муқовимат алайҳи он аз худ дарак медиҳад. Амалиёти низомии танзимҳои мавҷуда низ дар Афғонистон афзоиш ёфта, ҳар амалиёти чирикӣ куштаву захмиҳое ба неруҳои ин гурӯҳ ворид месозад. Онҳо дигар қудрати пинҳон доштани хисороти ин амалиётро надоранд ва то андозае тафаккури мардумро, ки аз фақру бенавоӣ азият мекашанд, ба худ ҷалб сохтаанд. Толибон тариқи барангехтани чунин дасисаҳо ва ҳангомаҳои динӣ мехоҳанд тафаккури мардуми Афғонистонро аз масъалаҳои дохилии худ ба берун савқ диҳанд.



2. Баъд аз сари қудрат омадани Толибон аксари созмонҳои тиҷоратӣ, молиявӣ, тиббӣ, хайриявӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалии корофар бо сабаби набудани амнияти комил ва эҳсоси хатар бар ҷону молашон Афғонистонро тарк карданд. Ҳамчунин, сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва намояндагиҳои фарҳангию тиҷоратӣ низ, ки ҳар кадоме дар навбати худ манбаи даромади аҳолии Афғонистон буданд, аз кишвар фирор карданд. Истифодаи транзитӣ аз қаламрави Афғонистон низ тамоюли коҳишёбӣ касб намуда, парвозҳои авиатсионӣ бо Афғонистон аксаран қатъ шуданд. Ин ҳолат боиси фалаҷ гардидани низоми тиҷоратӣ шуда, шароити молиявӣ ва иқтисодии мардумро хароб кардааст. Тибқи нишондоди Созмони Милали Муттаҳид баъд аз сари қудрат омадани Толибон дар Афғонистон 700 ҳазор нафар ҷойи кори худро аз даст додааст.

Хати фақр ба таври даҳшатбор боло меравад ва тибқи иттилооти Созмони ҷаҳонии озуқаворӣ дар ин кишвар рӯзона то 70 фоизи аҳолӣ аз гуруснагӣ, беморӣ, таълим ва набудани назофат ранҷ мебаранд. Толибон, дар баробари он ки ҳар ҳафта то 40 миллион доллар аз Амрико маблағи муфт дастрас менамояд, наметавонад ҳатто неруҳои худро таъмин кунад. Ин ҳолат на танҳо мардуми одии кишвар, балки доираҳои тиҷоратиро низ бар зидди Толибон шӯронида, ин гурӯҳро дар фикри пайдо кардани роҳҳои даромад маҷбур кардааст. Аз сӯи дигар, Толибон мехоҳанд бо бозиҳои динии «мавлавиҳо» озодиҳои эътиқодии худро ба намоиш бигузоранд, то заъфи иқтисодӣ ва норасоиҳои ҳукумати худхондаашон пушти парда бимонад.

3. Толибон ва дигар гурӯҳҳои террористӣ дар ҳама давру замон чор манбаи молиявӣ доштанд ва доранд: киштукор ва савдои маводи мухаддир, тиҷорати силоҳ, фурӯши одам ва ниҳоят ҷанги фармоишӣ. Айни замон тамоми кишварҳои минтақа аз террористон хаста шуда, хати марзи худро бо Афғонистон бастанд, ки дар ин замина роҳҳои «тиҷоратӣ»-и Толибон масдуд шуд. Мардум бошад, гурусна аст ва талаби нон доранд. Сарбозони Толибон низ дигар наметавонанд бо дуздии полезҳои мардум ва ғасби моликияти тоҷирон худ ва фарзандонашонро сер кунанд. Тӯли се сол сарбозони ин гурӯҳ ҳар тоҷиру савдогари бесоҳибро бо баҳонаҳои ҳукуматӣ, муқовиматӣ, тоҷик, ҳазора, ӯзбек, аймоқ ва ғайра боздошт ва тороҷ мекарданд, вале дигар ин гуна савдогарон низ дар Афғонистон намондааст. Яъне, манбаи дуздӣ низ ба поён расид. Толибон ба ҳар баҳое бояд барои ҳифзи худ роҳи интиқоли маводи мухаддир, савдои одам, тиҷорати силоҳ ва ҷанги ниёбатӣ пайдо кунанд. Маҳз ин ҳолат боис шудааст, ки Толибон борҳо бо Покистон ва Эрон дар хати сарҳади тарафайн ҷанг эҷод мекунанд.

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамсояҳои шимолии Афғонистон ҳасту бо ин кишвар 1400 километр марз дорад ва аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дарвозаи мувофиқ барои баромадан ба бозорҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Барои гурӯҳҳои ифротӣ низ макони таҷрибашуда дар солҳои 90-уми асри XX маҳсуб мешавад.

Таҷрибаи солҳои носубот нишон медиҳад, ки неруҳои террористӣ ва гурӯҳҳои ифротгаро бо ҳамдастии хиёнаткорони дохилӣ аз ин минтақа барои баромадани худ ба бозорҳои сиёҳ баҳрабардорӣ кардаанд. Имрӯз низ талошҳо барои қочоқи маводи мухаддир ва силоҳу лавозимоти ҷангӣ аз хоки Афғонистон тавассути қаламрави Тоҷикистон идома дорад. Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ иброз доштанд: «Тайи сӣ сол хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ аз қочоқчиён ва гурӯҳҳои ҷиноятпешаи фаромиллӣ дар хати сарҳад зиёда аз 27 тонна маводи мухаддир, 1316 мил силоҳ ва 318 ҳазор муҳимоти ҷангии гуногунро мусодира кардаанд».

Имрӯз дар Тоҷикистон на афкори радикалию гурӯҳҳои ниёбатӣ, балки қонун ҳукмрон аст ва миллат зиндагии бо рифоҳ дораду кишвар пеш меравад, ки бозори террористонро масдуд сохтааст. Гузашта аз ин, Тоҷикистон дар масъалаи Афғонистон эълон намудааст, ки ҳукуматеро ба расмият мешиносад, ки фарогири тамоми миллатҳо бошад, зеро дар асри XXI намешавад бо қатлу куштор як қавм болои миллатҳои дигар ҳукмронӣ кунад.

5. Террористон мехоҳанд аз тариқи бозиҳои «мавлавиҳо» бар зеҳнияти насли навраси кишвар ҳуҷумҳои мағзӣ бибаранд ва бар тафаккури насли ҷавон таъсир расонанд.

6. Аз замони ҷанги 20-солаи Амрико ва НАТО дар Афғонистон бисёр таҳлилгарон бар ин назар буданд, ки Толибон як гурӯҳи ниёбатӣ мебошад, ки дар минтақа бар нафъи ҳадафҳои стратегии абарқудратҳои маълум фазосозӣ мекунад, то ин ки онҳо дар ҷуғрофиёи минтақа ҷойи пой дошта бошанд. Музокироти пинҳонии онҳо дар Доҳа, таслими қудрат ба ин гурӯҳ, ба маблағи 800 млрд. доллар дар ихтиёри Толибон қарор додани таҷҳизоти низомӣ, ҳар ҳафта ба ин гурӯҳ 40 миллион доллар додан, дар қиболи бенизомиҳои Толибон нисбат ба ҳуқуқи инсон хомӯшӣ ихтиёр кардан далели он аст, ки ин гурӯҳ на ҳомии дину мазҳаб, балки як дастаи шарорат аст, ки ҳадафи тахрибкорӣ дар минтақаро дорад ва ҳамеша бар нафъи хоҷагони худ кор кардааст.

7. Толибон аз тариқи чунин дасисаҳо мехоҳанд бо истифода аз фурсат ва муносибат бо Украина аз Россия низ боҷгирӣ кунанд, зеро Россия дар Тоҷикистон пойгоҳи ҳарбӣ дорад ва нооромӣ дар ин минтақа ба ҳеҷ сурат бар нафъи Россия буда наметавонад.

Ҳар як фарди кишвар, махсусан насли ҷавони Тоҷикистонро лозим аст, ки ин бозиҳои пасипардагии «мавлавиҳо»-ро дарк кунанд. Онҳо, ки рӯи минбару меҳроби масоҷид нишастаанд ва худро исломдӯст метарошанд, дар асл на «мавлавӣ», балки бозичаи дасти гурӯҳҳои террористӣ мебошанд ва танҳо ҳадафҳои пасипардагии хоҷагони худ истифода мешаванд.

Ин «мавлавиҳо» ва афроди монанд ба онҳо ҳастанд, ки дар Афғонистон наздик ба 50 сол аст ҷангу хушунат ҷараён дорад. Инсонҳо ҳамдигарро мекушанд, хонаи якдигарро оташ мезананд ва зану модару духтари ҳамдигарро таҷовуз мекунанд.

Ҳоло дар кишвари Афғонистон аз мусибати ҷиҳодбозиҳои ин навъ «мавлавиҳо» фақру гуруснагӣ ба авҷи худ расидааст ва мардон духтарони хурдсоли худро ночор бо арзиши ночиз мефурӯшанд. Дар кишваре, ки инсон фурӯхта мешавад, оё метавон ин кишварро исломӣ номид?

«Мавлавиҳо»-и номниҳод ҳадафи ҷангу нифоқ дар миёни миллати тоҷикро доранд ва нақшаи онҳо носубот кардани кишвари мо ва рахна намудани хати сарҳади Тоҷикистон аст. Чун хати сарҳад шикаста шавад, Тоҷикистон чун Афғонистон лонаи террористони байналмилалӣ хоҳад шуд.

Пас, насли ҷавони миллати моро зарур аст, ки аз ин афроди сиёҳкору сияҳбоз дурӣ биҷӯянд, аз гӯш додан ба суханрониҳои онҳо парҳез кунанд ва ба онҳо ба ҳеҷ сурат пайравӣ накунанд. Пайравӣ аз ин «мавлавиҳо» на пайравӣ аз дину мазҳаб, балки майл ба гурӯҳҳои террористӣ аст, он оқибати нек надорад.

**С. РАҶАБЗОДА,**
**номзади илми таърих,**
**муовини якуми директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон,**

**М. АТОЗОДА,**
**номзади илми филология,**
**сардори маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдории Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

* *Ҳаракати дар Тоҷикистон мамнуъ*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 16 июли соли 2024 музоядаи №23-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**- IVECO (автобус), рақами давлатиаш 124 XT 01 TJ, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2010, мансубият - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ.**

**- Toyota Landcruiser Prado, бе рақам, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2008, мансубият - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 15000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод намояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## REQUEST FOR EXPRESSIONS OF INTEREST (CONSULTING SERVICES – FIRMS SELECTION)

**Country: Republic of Tajikistan**

**Project: Tajikistan Strengthening Water and Irrigation Management Project**

**Grant No.: IDA E0790-TJ and TF0B8740-TJ**

**Assignment Title: Feasibility study and design estimate for the rehabilitation of the Dangara tunnel and the Beshkent hydroelectric complex.**

**Reference No.:** SWIM-CS-QCBS-02

The Agency of Land Reclamation and Irrigation (ALRI) of the Republic of Tajikistan is seeking a service provider (the Consultant) to develop and to prepare a feasibility study (FS) and design estimates for the rehabilitation of the Dangara irrigation tunnel and the Beshkent Hydrotechnical Unit. The assignment will be financed by the IDA Grant and EU Trust Fund under the jointly financed WB/EU *Tajikistan Strengthening Water and Irrigation Management Project*.

Consulting Services («Services») Main tasks include:

**Task 1.** Development of a feasibility study for various rehabilitation options.

**Task 2.** Development of working designs and tender documents.

**Task 3.** Author's supervision during the construction period.

The period of execution of the tasks identified in this Terms of Reference is (8 months) from the Commencement Date including mobilization period.

The draft Terms of Reference (TOR) for the primary procurement stage of the assignment is provided in the *request for expressions of interest and can be found at the following link:*

**https://docs.google.com/document/d/1G-M6L-7pm_cFyi3mR2lSlvejs5Y6U0Uim/edit?usp=sharing&ouid=109767526260894161767&rtpof=true&sd=true**

The State Entity "Ferghana Valley Water Resources Management Project Management Unit" under the ALRI now invites eligible consulting firms ("Consultants") to indicate their interest in providing the Services. Interested Consultants should provide information confirming that they have the required qualifications and relevant experience to perform the Services. The shortlisting criteria are:

i. Management Competence - The EOI should: (a) describe how the firm has managed the consulting services to perform a similar scope and scale; (b) describe how the firm has worked effectively with consortium members as a lead firm; (c) describe the policies and procedures that ensure quality customer interactions and the quality of results and team work; (d) a description of internal controls for dealing with complaints regarding the work of the examiner and the quality of the results; (e) describe the proposed quality control of the firm's performance during the duration of the assignment; and (f) demonstrate that there is a code of conduct for all parties involved.

ii. Technical Competence - The EOI should summarize the firm's relevant experience to be applied to the EOI. The firm must demonstrate at least ten years of experience in the development of a feasibility study, design and author supervision in the field of assignment; successfully completed contracts for the development of a feasibility study, design and survey work and author supervision and a list of currently pending contracts in the scope of the assignment; experience in performing similar tasks in projects financed by international donor organizations;

iii. Geographical Competence - The EOI should summarize the experience of joint work of the consortium in Central Asia or other relevant regions.

The attention of interested Consultants is drawn to Section III, paragraphs, 3.14, 3.16, and 3.17 of the World Bank's *"Procurement Regulations for IPF Borrowers" (July 2016, revised in November 2017 and August 2018 and November 2020) - Procurement in Investment Project Financing Goods, Works, Non-Consulting and Consulting Services* ("Procurement Regulations"), setting forth the World Bank's policy on conflict of interest.

Consultants may associate with other firms to enhance their qualifications, but should indicate clearly whether the association is in the form of a joint venture and/or a sub-consultancy. In the case of a joint venture, all the partners in the joint venture shall be jointly and severally liable for the entire contract, if selected.

A Consultant will be selected in accordance with the Quality-And-Cost Based Selection method set out in the Procurement Regulations.

Further information can be obtained at the address below during office hours from *09:00 to 17:00 hours (local time)*.

Expressions of interest must be delivered in a written form in English and Russian languages to the address below (in person, or by mail, or by fax, or by e-mail) by July 22, 2024, 17:00 p.m. *(local time)*.

**PMU FVWRMP**
**Republic of Tajikistan, Dushanbe,**
**5/1, Shamsi Street, Dushanbe city, Tajikistan, 734054**
**Tel: +992 (372) 36-62-08**
**Fax: +992 (378) 81-11-85**
**E-mail: fvwrmp@mail.ru**

## ТАНАКСОЛ - БАРОИ ИХРОҶШАВИИ ЛЯМБЛИЙ




Мол дорои сертификат аст

**Ширкати илмию истеҳсолии Россия воситаи нодиреро бо номи ТАНАКСОЛ коркард намудааст, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда, ҳангоми бемориҳои паразитиву сироятии ЛЯМБЛИОЗ, АМЁБИОЗ, АСКАРИДОЗ, ЭНТЕРОБИОЗ ва бемории ҶИГАР истифода бурда мешавад.**

**Тарзи истифодабарӣ: кӯдакони аз 1-сола 1/6 қошуқча, аз 2 то 7-сола 1/3 қошуқча, аз 7 то 12-сола 2/3 қошуқча, аз 12-сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз.**

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**

## РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

**Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё синну солатон гузаштаву хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?**

**«Флавигран очанка»** барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта, глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна, муфид буда, барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. Истеҳсол - Федератсияи Россия.

**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча аз ин дору гирифта, дар 100 мг об омехта карда, рӯзе 3 маротиба муддати як моҳ нӯшед. Баъд аз 6 моҳ дубора ин табобатро гирифтан мумкин аст.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**

**Телефон барои тамос:**
+992 000 400071




## ЧИСТОТЕЛ Гиёҳи навчидаи чистотел!

**Дардро таскин ва захмҳоро шифо мебахшад**

Малҳам барои:
- ҳама гуна варамҳои безарари пӯст, озах, папилломаҳо ва экземаҳо (малҳамро ба ҷои осебдида молед, 8-10 дақиқа истад);
- пучакҳо, панаритсийҳо (ним қошуқча малҳамро дар 100 мл об омехта, тампони докагиро ба он тар кунед ва дар ҷои бемор ба муддати 5-10 дақиқа гузоред);
- герпес, псориаз;
- гематома ва латҳо.




Бартарии малҳами (бальзам) ЧИСТОТЕЛ аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода ягон доғ боқӣ намемонад.

**Истеҳсолкунанда – Федератсияи Россия**

Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 423094 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №148»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.07.2024 09:05:00 |
| 2 | 423096 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №112» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.07.2024 09:32:00 |
| 3 | 423066 | Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» | Молҳои хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 12.07.2024 15:10:00 |
| 4 | 423068 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ ва иваз кардани тирезаҳои кухна ба тирезаҳои пластикӣ, таъмири блокҳои дарӣ дар муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.07.2024 15:30:00 |
| 5 | 423070 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасонӣ барои таъмини манзил бо таъмини 4 хӯроки якдафъаина (3+1 қаҳва брейк) ва барномаи фарҳангӣ барои 150 нафар барои 7 рӯз | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 12.07.2024 15:50:00 |
| 6 | 423072 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи дезинфексионӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 12.07.2024 16:00:00 |
| 7 | 423077 | Идораи сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31 барои 704 хонанда дар деҳаи Озодагони шаҳри Панҷакент (корҳои лоиҳакашӣ ва геологӣ) | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 2 | 12.07.2024 16:10:10 |
| 8 | 423074 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Кати хоби тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 12.07.2024 16:15:15 |
| 9 | 423069 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев | Рангу бори деворҳои берунӣ ва сангфарш кардани зинапояҳои бинои асосии донишгоҳ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.07.2024 16:30:00 |
| 10 | 423075 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №3-и шаҳри Хоруғ» | Хӯроквӯрӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 12.07.2024 16:30:00 |
| 11 | 423078 | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав | Сохтмони бинои ёрирасон (дегхона) дар ҳудуди муассиса дар кӯчаи Дӯстии халқҳо 40а | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.07.2024 16:30:55 |
| 12 | 423079 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Норак | Таъмири муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.07.2024 16:35:25 |
| 13 | 423076 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 12.07.2024 16:40:00 |
| 14 | 423080 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта» | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ ва чарх | Озмуни кушод | Мол | 35 | 12.07.2024 17:00:00 |
| 15 | 423083 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пойафзоли соқбаланд ва зергиребон | Озмуни кушод | Мол | 2 | 12.07.2024 17:05:59 |
| 16 | 423082 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камарбанди чармӣ, сачоқи пахтагӣ ва зергиребон | Озмуни кушод | Мол | 3 | 12.07.2024 17:06:47 |
| 17 | 423084 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Бастаки кабелӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 12.07.2024 17:10:00 |
| 18 | 423087 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Оиқ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 12.07.2024 17:10:00 |
| 19 | 423085 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи минтақавии деҳаи Шӯроби ҷамоати деҳоти Шӯроби шаҳри Исфара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.07.2024 18:34:49 |
| 20 | 423088 | Ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонии ноҳияи Деваштич | Қубурҳои полиэтиленӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 12.07.2024 21:44:44 |
| 21 | 423081 | Бонки миллии Тоҷикистон | Маводи канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 15.07.2024 09:00:00 |
| 22 | 423093 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 15.07.2024 09:01:00 |
| 23 | 423095 | Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Айнӣ | Масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 15.07.2024 09:07:00 |
| 24 | 423108 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул | Озмуни кушод | Мол | 3 | 15.07.2024 10:00:00 |
| 25 | 423097 | Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим»-и шаҳри Душанбе | Молҳои маишӣ, оргтехника ва алафдаравак | Озмуни кушод | Мол | 6 | 15.07.2024 10:10:11 |
| 26 | 423098 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | Хизматрасониҳо дар самти коркарди таъминоти барномавӣ барои идоракунӣ, Барнома барои ЭВМ «1С-Битрикс 24». Литсензияи портали корпоративӣ-250 (12 моҳ, бо дарозкунии мӯҳлат), Kaspersky Endpoint Security for Business -Select/ 150-249 Node 1 year Renewal License - литсензия, ҳуқуқи истифодабарии барнома барои ЭВМ Ideco UTM (дароз намудани мӯҳлати обуна барои Security Update: AC, IPS, CF, азнавсозӣ ва дастгирии техникӣ) – барои 200 истифодабаранда | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 15.07.2024 10:30:00 |
| 27 | 423101 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар ноҳияи Қубодиён | Насоси обкашӣ ва молҳои сантехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 15.07.2024 11:00:10 |
| 28 | 423102 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасонии таҳияи нармафзор барои тартиби аккредитатсияи ҳайатҳои намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, инчунин, аъзои оилаи онҳо дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нармафзор барои маълумоти рақамҳои телефонии кормандони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 15.07.2024 11:50:00 |
| 29 | 423104 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникии идоравию нашриётӣ, техникаи маишӣ ва генераторҳои барқтавлидкунанда | Озмуни кушод | Мол | 8 | 15.07.2024 13:15:00 |
| 30 | 423103 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» | Молҳои сантехникӣ, шустушӯӣ ва равғанҳои шифобахш | Озмуни кушод | Мол | 8 | 15.07.2024 13:20:35 |
| 31 | 423106 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи шустушӯӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 15.07.2024 14:15:00 |
| 32 | 423109 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Бастаки кабелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.07.2024 14:30:00 |
| 33 | 423111 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Оиқи намуди ПС-70 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 15.07.2024 14:35:00 |
| 34 | 423112 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Оиқи намуди ШС-20 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 15.07.2024 14:45:00 |
| 35 | 423113 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Реле | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.07.2024 14:50:00 |
| 36 | 423114 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар марказ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.07.2024 15:15:00 |
| 37 | 423107 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Оиқ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 15.07.2024 15:20:00 |
| 38 | 423089 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Шамсиддини Шоҳин | Таъмири асосии бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.07.2024 07:49:01 |
| 39 | 423130 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 26.06.2024 10:00:00 |
| 40 | 423126 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи кӯчаҳои ҳудуди деҳаи Меҳробод дар ҷамоати деҳоти Муҷуни ноҳияи Деваштич. Марҳилаи 2. (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 5650 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 02.07.2024 19:11:11 |
| 41 | 423131 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Мошини ҷомашӯӣ, кондитсионер, тренажёр, обгармкунак ва ҷевон | Озмуни кушод | Мол | 10 | 15.07.2024 08:40:40 |
| 42 | 423132 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қасри фарҳанг дар маркази шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.07.2024 08:55:35 |
| 43 | 423133 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони пойгоҳи обкашии деҳоти ба номи Раҷаб Ҳамробоеви шаҳри Конибодом. Марҳилаи 3 (сохтмони хати обрасонии полезӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.07.2024 09:08:08 |
| 44 | 423134 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони пойгоҳи обкашии деҳоти ба номи Раҷаб Ҳамробоеви шаҳри Конибодом. Марҳилаи 1 (сохтмони хати обрасонии полезӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.07.2024 09:22:42 |
